**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ФИЛИАЛИ ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР ШАҲРИ КӮЛОБ**

**Каримзода Ш., Рустамшозода Ш, Умаров С.**

*Ба истиқболи 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 90-солагии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф бахшида мешавад.*

# ИТТИҲОДИЯИ МЕТОДӢ: САМТҲОИ ФАЪОЛИЯТ (ДАСТУРИ МЕТОДӢ).

***Бо қарори шурои илмӣ-методии филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб, аз 28.02.2025, №2 ба чоп тавсия дода шудааст.***

**Душанбе-2025**

**ТДУ:303+4.01 (077)**
**ТКВ: 74.26 (2-тоҷ)**
**Р –88**

Каримзода Ш., Рустамшозода Ш, Умаров С. Иттиҳодияи методӣ: самтҳои фаъолият (дастури методӣ). –Душанбе: «Матбаа», 2025. –100 с.

**Муқарризон:**
**Азизбек Раҳимдод,**
директори филиали Муассисаи давлатии “Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф” дар ВМКБ

**Ҳайдаров Бурӣ,**
мутахассиси пешбари шуъбаи таҳия, нашр, ташхис ва таъмини корҳои илмӣ-методии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муҳаррири масъул:**
Қурбонов Абдусамад,
омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики МТУА №26-и ноҳияи Муъминобод

Дастури методии мазкур ба яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти муассисаҳои таълимӣ – иттиҳодияи методии фаннӣ ва иттиҳодияи методии роҳбарони синф бахшида шудааст. Аҳаммияти таъсиси иттиҳодияи методии фаннӣ ва роҳбарони синф, пеш аз ҳама, дар он арзёбӣ мегардад, ки он ба такмили маҳорати касбӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди таълимӣ ва корӣ ҷиҳати рушди салоҳияти иртиботӣ (коммуникативӣ), таъмини фазои ягонаи таълиму тарбия ва рушди шахсияти омӯзгорон нигаронида шудааст.

Дастури методӣ аз ду қисм иборат буда, дар бахши аввал дар бораи фаъолияти иттиҳодияи методии фаннӣ ва дар боби дуюм бошад ба самти фаъолияти иттиҳодияи методии роҳбарони синф бахшида шудааст. Инчунин, сатҳи ҳуҷҷатнигории иттиҳодияҳои методӣ бо нишон додани намуна ва қоидаҳои таҳия намудани онҳо оварда шудааст.

Дастури методии мазкур барои доираи васеи омӯзгорони МТМУ, мушовирони кабинетҳои методии шуъбаҳои маориф ва дигар кормандони соҳаи маориф мусбат арзёбӣ мегардад.

**ISBN:978-99985-27-67-6**

| № | **Мундарича** | **Саҳифа** |
|---|---|---|
| Муқаддима ............................................................. | | 4-7 |
| **БОБИ I. ИТТИҲОДИЯИ МЕТОДИИ ФАННӢ.........** | | 8-24 |
| 1.1. | Аҳаммияти ташкили иттиҳодияҳои методӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ............................ | 8-10 |
| 1.2. | Самтҳои фаъолияти иттиҳодияҳои методӣ ....... | 10 |
| 1.3. | Вазифаҳои роҳбари иттиҳодияи методӣ ........... | 10-13 |
| 1.4. | Сарбории роҳбари иттиҳодияи методӣ ............ | 13-14 |
| 1.5. | Номгӯйи ҳуҷҷатҳои роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ.............................................................. | 14-15 |
| 1.6. | Воҳиди сохтории иттиҳодияи методӣ дар муассисаи таълимӣ ............................................... | 15-17 |
| 1.7. | Гӯшаи иттиҳодияи методӣ............................. | 17 |
| 1.8. | Ҳуҷраи кории роҳбари иттиҳодияи методӣ ...... | 17-18 |
| 1.9. | Тартиби таҳияи протоколи ҷаласаи иттиҳодияҳои методӣ ............................. | 19-21 |
| 1.10. | Дарёфт, омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ дар иттиҳодияи методӣ ..... | 21-24 |
| **БОБИ II. ИТТИҲОДИЯИ МЕТОДИИ РОҲБАРОНИ СИНФ...................................................** | | 25-33 |
| 2.1. | Аҳамияти ташкили иттиҳодияҳои методии роҳбарони синф................................................. | 25-28 |
| 2.2. | Самтҳои фаъолияти иттиҳодияҳои методии роҳбарони синф ................................................. | 28-30 |
| 2.3. | Вазифаҳои роҳбари иттиҳодияи методӣ............. | 30-31 |
| 2.4. | Ҷаласаҳои иттиҳодияҳои методии роҳбарони синф........................................................................ | 32 |
| 2.5. | Номгӯйи ҳуҷҷатҳои роҳбари иттиҳодияи методии роҳбарони синф.................................. | 32-33 |
| Хулоса ......................................................................... | | 35 |
| Замимаҳо ............................................................ | | 36-97 |
| Рӯйхати адабиёти истифодашуда ................................ | | 98 |

# Муқаддима

***“Муаллим то даме, ки таълим медиҳад, зинда мемонад. Ҳамин ки аз омӯхтан даст кашад, дар ӯ муаллимӣ мемирад”.***

***К.Д. Ушинский***

Иттиҳодияи методӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ яке аз шаклҳои асосии фаъолият ташкили кори методии коллективӣ мебошад. Иттиҳодияи методӣ омӯзгоронро ба комёбиҳои нави илми педагогика шинос намуда, дониши тахассусиашонро баланд мебардорад.

Мақсади иттиҳодияи методии омӯзгорони фаннӣ мунтазам баланд бардоштани маҳорати касбии аъзоёни иттиҳодия тавассути ташкили фазои ягонаи таълимӣ-методӣ ва инноватсионӣ ба роҳ монда мешавад

Дар “Луғати тафсирии истилоҳоти педагогика” намудҳои зерини иттиҳодияҳои методӣ нишон дода шудааст: “мактабӣ, байнимактабӣ, қитъавӣ, ноҳиявӣ, байнифаннӣ ва сиклӣ”[1].

Иттиҳодияи методии омӯзгорони ноҳия, ин семинар-машварати касбии омӯзгорони ноҳия мебошад, ки бо мақсади дастгирии методӣ барои рушди касбӣ ва шахсии онҳо дар асоси манфиатҳои корӣ, ҳамкорӣ ва муоширaт таъсис дода шудааст. Ин як воҳиди сохторӣ ва методӣ буда, фаъолияти таълимӣ, лоиҳакашӣ, методӣ, таҳқиқӣ ва инноватсиониро ташкил медиҳад, ки аз тарафи мушовирони Раёсат ва бахшу шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ташкил карда мешаванд ва моҳе як маротиба гузаронида мешавад.

Гузаронидани семинар-машваратҳои омӯзишӣ ва дастурдиҳии доимамалкунанда, барои баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорони ноҳия, ҳавасмандгардонӣ, рушди технологияи педагогӣ, худшиносии онҳо, инчунин, ҷиҳати беҳтар гардидани сифати таълиму тарбия нигаронида шудааст. Дуруст роҳандозӣ намудани самти фаъолияти

[1] Луғати тафсирии истилоҳоти педагогика, с.89.

иттиҳодияи методӣ, ин ташкили таъминоти методиро дар назар дорад, то ҳар як омӯзгор имконият дошта бошад, ки вазифаҳои асосии касби худро нишон дода, талаботи педагогии худро қонеъ гардонад.

Мақсади иттиҳодияи методӣ ин баланд бардоштани сифати таълими хонандагон дар муассиса буда, самаранокии раванди таълим дар рафти ҷустуҷӯи коллективӣ, таҳқиқ ва ҷорӣ намудани беҳтарин шаклҳои фаъолияти омӯзгорӣ, муоширати касбӣ, талабот, қоидаҳои баҳодиҳии натиҷаҳои таълими хонандагон ва фаъолияти касбии омӯзгорон ба ҳисоб меравад.

Фаъолияти иттиҳодияи методӣ тавассути низомнома дар бораи сохтори мазкур танзим карда мешавад, ки он аз нуктаҳои зерин, мақсади иттиҳодияи методӣ, самтҳои афзалиятноки фаъолият ва вазифаҳо иборат аст. Самт ва вазифаҳои фаъолияти иттиҳодияи методиро дар муассисаи таълимӣ оинномаи муассиса, низомномаи шурои методӣ ва низомномаи иттиҳодияи методии омӯзгорони фаннӣ ба танзим медарорад.

Мувофиқи талаботи низомнома ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ иттиҳодияи методӣ дар сурате ташкил карда мешавад, ки дар як муассисаи таълимӣ на камтар аз се омӯзгор бо ихтисоси якхела мавҷуд бошад ва бо фармоиши директори муассиса ба он омӯзгори дорои тахассуси олӣ ва ё якум роҳбарӣ мекунад.

Дастури методии мазкур аз ду боб иборат буда, дар қисми якум ба самти фаъолияти “Иттиҳодияи методии фаннӣ” ном гирифтааст, ки оид ба аҳамияти ташкили иттиҳодияи методӣ, вазифаҳои иттиҳодияи методӣ, сарбории роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ ва омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ дар иттиҳодияи методӣ маълумот дода шудааст.

Боби дуюми дастур “Иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳо” номгузорӣ шуда, вобаста ба аҳамияти ташкили иттиҳодияи методӣ, самтҳои фаъолият, вазифаҳои роҳбари иттиҳодия ва номгӯи ҳуҷҷатҳои кори иттиҳодия сухан меравад. Инчунин, дар асоси маводи назариявӣ замимаҳо ва номгӯи ҳуҷҷатҳои лозима дар охири дастур оварда шудааст, ки роҳбарони иттиҳодияи методӣ зимни таҳияи ҷузвдони иттиҳодияи методӣ метавонанд, аз онҳо ба таври васеъ истифода намоянд. Замимаҳо ва намунаи ҳуҷҷатҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ метавонанд фаъолияти худро бо тағйиру иловаҳо ва талаботи дохилимуассисавӣ ворид намоянд. Замимаҳо бо рақамҳои римӣ (I, II) дар ду қисм ишора шуда, қисми аввал замимаҳои иттиҳодияи методии фаннӣ ва қисмати дуюм бошад, замимаҳои иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳоро дар бар гирифтааст.

Маълумоти дар дастур овардашуда, дар асоси таҷрибаҳо, тавсияҳои омӯзгорони пешқадами педагогии омӯзгорон ва дастурҳои таълимӣ-методӣ ватанӣ ва хориҷӣ омода гардида, асоснок карда шудааст.

Муаллифон, ба ҳамаи он нафароне, ки дар таҳияи ин дастури методӣ кӯмаки хешро дареғ надошта, тавсияҳои судманд додаанд, арзи сипос менамоянд. Инчунин, аз доираи васеи хонандагон, омӯзгорон, муҳаққиқон ва мушовирону кормандони соҳаи маориф эҳтиромона хоҳишмандем, ҷиҳати ба чашм расидани норасоиҳои дастури мазкур ба нишони электронии зерин rustamsho-90@bk.ru, saidsho.98@mail.ru фикру андешаҳои худро пешниҳод намоянд. Барои сифатан ва мазмунан беҳтар чоп шудани он дар нашрҳои минбаъда онҳоро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, дастраси васеи хонандагону омӯзгорон мегардонем.

Муаллифон барои кумакҳои беғаразона ва пешниҳоди андешаҳои созандаи устодони муҳтарам Наврӯз Мирзозода,

Азизбеков Раҳимдод, Мутриба Аҳмадӣ, Алимардонов Сафармуҳаммад, Юсуфов Ҷурахон ва дигарон арзи сипосу миннадорӣ баён менамоянд.

Муаллифон

# БОБИ I. ИТТИҲОДИЯИ МЕТОДИИ ФАННӢ

## 2.1.Аҳаммияти ташкили иттиҳодияҳои методӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

Муассисаҳои таълимӣ фаъолияти худро дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ба роҳ монда, тибқи талаботи пешбинишуда кору фаъолият менамоянд. Шурои педагогӣ самти муҳимми кори муассиса буда, дар сатҳи баланд ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои тарбиявӣ, таълимӣ ва методиро ба танзим медарорад.

Яке аз самтҳои асосии рушди фаъолияти омӯзгорони фаннӣ ин ташкили иттиҳодияи методӣ мебошад, ки барои дар сатҳи баланди касбӣ омода намудани омӯзгорон нигаронида шуда, кори худро бо роҳбарии омӯзгори соҳибтаҷриба, дорои маҳорати баланди касбӣ ва тахассусидошта пеш мебарад.

Аҳаммияти таъсиси иттиҳодияи методӣ дар он арзёбӣ мегардад, ки он ба такмили маҳорати касбӣ, шароити мусоид фароҳам овардан барои эҷодкорӣ, таъмини фазои ягонаи таълиму тарбия ва рушди шахсияти омӯзгорон нигаронида шудааст.

Мавриди зикр аст, ки фаъолияти иттиҳодияи методӣ кори басо муҳим ва манфиатнок барои коллектив буда, дар асоси талаботи муайяншуда, ташкил карда мешавад. Иттиҳодияи методӣ ниҳоди доимамалкунандаи таълимӣ ва методии омӯзгорон буда, як самти муҳимми рушди маҳорати касбии омӯзгорон ба шумор меравад. Вобаста ба ин, дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он то имрӯз курси такмили ихтисоси роҳбарони иттиҳодияи методии фаннии МТМУ, роҳбарони иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳои МТМУ ташкил ва гузаронида мешавад.

Иттиҳодияи методӣ дар низоми такмили ихтисоси омӯзгорон яке аз самтҳои муҳим арзёбӣ шуда, аз воситаҳои муҳими дар гурӯҳҳо кор кардани омӯзгорони фаннӣ, аз ҷумла, омӯзгорони фанҳои таълимии ягона, ё фанҳои наздик мебошад. Арзёбӣ ва натиҷагирии кори иттиҳодияҳои методӣ дар курсҳои такмили ихтисос самти муҳимми барномаи таълимии курс буда, ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани ҳолати ҳуҷҷату ҳуҷҷатнигорӣ ба воситаи таҷрибаивазкунӣ низ мебошад. Ин равиш барои беҳтар гардидани сифати кори роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ ва рушди маҳорати касбии онҳо мусоидат менамояд.

Дар рафти курсҳои такмили ихтисос саволҳои зиёд аз ҷониби омӯзгорон ва роҳбарони иттиҳодияи методӣ садо медиҳанд, ки чанд омӯзгори фаннӣ дар муассиса бошад, ки иттиҳодияи методӣ ташкил карда мешавад.

Дар "Луғати тафсирии истилоҳоти педагогика" чунин омадааст: "Муаллимони синфҳои ибтидоӣ 1-4 ба як иттиҳодия, 5-11 агар аз ҳар як фан шумораи онҳо аз 3 нафар зиёд бошад ба комиссияҳои методии фаннӣ муттаҳид мегарданд. Агар шумораи онҳо кам бошад, комиссияҳои фанҳои байнимуассисавӣ ташкил карда мешавад"[2].

Инчунин, дар банди 1.1.-и "Низомномаи иттиҳодияи методии омӯзгорони фаннӣ", ки бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.10.2013, №18/28 тасдиқ шудааст, чунин омадааст: "Иттиҳодияи методии омӯзгорони фаннӣ ҷузъи сохтории шурои методии муассисаи таълимӣ буда, бо мавҷуд будани на камтар аз се омӯзгори як фанни таълимӣ ва ё ихтисосҳои ба ҳам наздик ташкил карда мешавад".

[2] Луғати тафсирии истилоҳоти педагогика, саҳ.90.

Аҳаммияти ташкили иттиҳодияи методӣ дар он арзёбӣ мегардад, ки он ба беҳтар намудани сифати таълим, донистан ва омӯхтани методҳои нави таълимӣ оварда мерасонад.

Фаъолияти омӯзгорон шомили иттиҳодияҳои методӣ дар ҷаласаи иттиҳодия мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Мувофиқи фасли 4, банди 4.4.-и "Низомнома иттиҳодияи методии фаннӣ" ҷаласаи иттиҳодияҳои методӣ дар ду моҳ як маротиба гузаронида мешавад.

## Самтҳои фаъолияти иттиҳодияи методӣ

Иттиҳодияҳои методӣ дар муассисаи таълимӣ аз рӯйи самтҳои муайян фаъолият намуда, кори худро ба роҳ мемонанд.

1. Самти тарбиявӣ;
2. Фаъолияти таълимию методӣ;
3. Фаъолияти ташкилию методӣ;
4. Фаъолияти иттилоотию таҳлилӣ;
5. Фаъолияти машваратӣ;
7. Фаъолияти таҳририя;
8. Самти коркарди инноватсияҳои педагогӣ;
10. Фаъолияти омӯзиши таҷрибаи пешқадам.

Самтҳои фаъолияти иттиҳодияи методӣ бо истифода аз вазифаҳо амалӣ карда мешаванд. Маълум аст, ки фаъолияти густурдаи иттиҳодияи методӣ барои рушди салоҳияти эҷодкории омӯзгорон бахшида шудааст. Дар баробари ин, ҷиҳати рушди натиҷаҳои ҳамаҷонибаи омӯзиши фанҳои таълимӣ ба хонандагон мусоидат мекунад.

## Вазифаҳои роҳбари иттиҳодияи методӣ

Роҳбари иттиҳодияи методӣ шахсест, ки барои роҳнамоӣ ва расонидани кумаки методӣ ҷиҳати ҳамоҳангсозӣ ва роҳнамоии усулҳо, равишҳо ё технологияҳои гуногуни

педагогӣ ба омӯзгорон дар дохили муассисаи таълимӣ масъул аст. Вазифаҳои ӯ аз ҳамгироии равандҳои гуногуни корӣ ва таъмини пайвастагии онҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои умумӣ иборатанд. Роҳбари иттиҳодияи методиро директори муассиса мувофиқи Оинннома ва қарори шурои педагогии муассиса ба вазифа таъйин мекунад (замима мегардад). Ба вазифаи роҳбари иттиҳодияи методӣ омӯзгоре интихоб карда мешавад, ки таҷрибаи зиёди педагогӣ ва маҳорати хуби касбӣ дошта бошад, инчунин, ҷиҳати баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон саҳм гузошта тавонад.

Фаъолияти иттиҳодияи методии омӯзгорон ба вазифаҳои зерин нигаронида шудааст:

-омӯзиши ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-њуќуќї ва маводи иттилоотӣ, аз ҷумла кумаки методӣ дар соҳаи маориф;

-такмили нақшаҳои таълимӣ аз рӯйи фан бо назардошти талаботи муносибати босалоҳият ба таълим;

-таҳлили дурусти барномаҳои алоҳидаи фаннӣ;

-иштироки мутақобила дар дарсҳо барои худшиносии минбаъда ва арзёбии пешрафти кори худ;

-гузаронидани дарсҳои кушод оид ба риояи усулҳои кор бо мавзуъҳои мураккаби фаннӣ;

-омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони аъзои иттиҳодияи методӣ;

-шинос намудан бо дастурҳои методии гуногуни муаллифон ва таҳлили равишҳои таълимии онҳо;

-пешниҳоди ҳисобот дар бораи худомӯзии касбии омӯзгорон;

-таъмини иштироки омӯзгорон дар курсҳои такмили ихтисос ва курсу семинарҳои махсус;

-ба роҳ мондани омӯзишҳои технологияҳои муосир, ғояҳо ва таҷрибаи омӯзгорон барои рушди маҳорати касбӣ;

-ташкили раванди худтарбиякунии омӯзгорон ва роҳбарӣ ба кори эҷодии онҳо;

Дар баробари ин, шаклҳои гуногуни фаъолияти иттиҳодияи методии омӯзгорон мавҷуданд:

-семинарҳо, маҷлисҳо, суҳбатҳо оид ба масъалаҳои таълимию методӣ, ҳисоботи эҷодии омӯзгорон ва ғайра;

-маҷлисҳои машваратии шуъбаи маориф оид ба масъалаҳои тарбия ва методикаи таълими фанҳо;

-маърӯзаю суҳбатҳо оид ба методикаи таълиму тарбия, инчунин, психология ва педагогика;

-ташкили ҳафтаҳои методии фаннӣ;

-иштироки мутақобила дар дарсҳои омӯзгорон;

-таҳлили сифат ва самаранокии дарсҳо;

-ташаккул ва гузаронидани таҷрибаҳои педагогӣ оид ба ҷустуҷӯ, паҳн ва татбиқи технологияи нави иттилоотии таълимӣ ва монанди инҳо.

Иттиҳодияи методии омӯзгорон дар фаъолияти худ ба ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, фармоишу дастурҳо ва санадҳои меёрие такя мекунад, ки мақсад ва вазифаҳои тамоми кори методиро муқаррар менамоянд.

Вазифаҳои роҳбари иттиҳодияи методӣ якчанд ҷанбаҳои асосиро дар бар мегиранд:

1. Ташкили кори иттиҳодияи методӣ. Роҳбар фаъолияти омӯзгоронро назорат намуда, мунтазам вохӯриҳо, суҳбатҳо, мизҳои мудаввар, конфронсҳо, семинарҳо ва дарсҳои амалиро ташкил мекунад, ки ба баланд бардоштани маҳорати аъзои иттиҳодия нигаронида шудаанд;

2. Таҳияи тавсияҳои методӣ. Таҳия ва паҳн намудани маводи таълимӣ-методӣ, банақшагирӣ ва татбиқи барномаҳои таълимии омӯзгорон, мусоидат дар таҳияи нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ;

3. Мониторинг ва таҳлили раванди таълим. Арзёбии самаранокии фаъолияти омӯзгорон, мониторинги татбиқи стандартҳои таълимӣ, таҳлили муваффақияти хонандагон, таҳияи тавсияҳо оид ба беҳтаршавӣ;

4. Дастгирии ҳайати омӯзгорон, инчунин, ёрӣ расонидан ба ҳамкорон дар ҳалли масъалаҳои касбӣ, мусоидат ба худомӯзӣ ва рушди касбӣ, ташкили курсҳои такмили ихтисос;

5. Банақшагирӣ ва татбиқи инноватсияҳо. Таҳия ва татбиқи технологияи нави таълимӣ, усулҳо ва равишҳо, кор бо тамоюлҳои муосири педагогӣ;

6. Муайян намудани фазои мусоид барои кор ва эҷодкорӣ: Мусоидат дар ташаккули фаъолияти омӯзгоре, ки фаъолона кор мекунад ва таҷрибаро мубодила мекунад, чорабиниҳои коллективӣ ташкил мекунад ва барои ноил шудан ба ҳадафҳои муайян ҳамкорӣ мекунад;

7. Ҳамкорӣ бо маъмурияти муассисаи таълимӣ. Муҳокимаи мушкилот, пешниҳодҳо ва роҳҳои ҳал бо роҳбарияти муассиса, ё муассисаи таълимӣ, иштирок дар таҳия ва татбиқи стратегияи рушди раванди таълим, инчунин, сифати таҳсилот;

8. Роҳбари иттиҳодияи методӣ дар вохӯриҳо аз номи иттиҳодияи методӣ баромад мекунад.

Ҳамин тариқ, вазифаи роҳбари иттиҳодияи методӣ аз мутобиқ ва дастгирӣ намудану афзун гардонидани самараи кори педагогӣ иборат аст, ки ба сифати раванди таълим бевосита таъсири мусбӣ мерасонад.

## Сарбории роҳбари иттиҳодияи методӣ

Самти фаъолияти роҳбарони иттиҳодияҳои методии омӯзгорони фаннӣ дар муассисаҳои таълимӣ бисёр муҳим буда, барои пешбурди корҳои таълимӣ, методӣ ва илмӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат менамояд. Фаъолияти ин бахши муассиса то давраи ҳақдор шудани роҳбарони иттиҳодияи методӣ чандон қаноатбахш набуд. Пас аз тасдиқи “Тартиби пардохти музди меҳнати кормандони соҳаи маориф”, ки аз ҷониби 4 ниҳоди

ваколатдор-Вазорати молия, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.04.2024 тасдиқ гардидааст, кор дар ин самт беҳтар шуда истодааст.

Дар асоси банди 13-и тартиби мазкур роҳбарони иттиҳодияи методӣ чунин ҳақдор карда мешаванд: “Ба омӯзгороне, ки бо қарори шурои омӯзгорони муассиса роҳбари иттиҳодияҳои методӣ интихоб мешаванд, барои иҷрои сарбории иловагӣ ба кори асосиаш иловапулӣ ба андозаи 15 фоизи меъёри 1 ставкаи омӯзгорони синфҳои 1-4 бо маълумоти олии касбӣ тахассуси олӣ пардохт карда мешавад (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.09.2020, №526)” ҳақдор карда мешаванд. Тибқи талаботи мазкур роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ илова ба музди меҳнат 311 сомону 40 дирам иловапулӣ мегиранд.

## Номгӯйи ҳуҷҷатҳои роҳбари иттиҳодияҳои методӣ

Роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ бояд дорои ҳуҷҷатҳои зерин бошад:

1. Низомномаи иттиҳодияи методии омӯзгорони фаннӣ ва роҳбарони синфҳо;
2. Қарори шурои педагогогии муассиса оид ба таъсиси ИМ;
3. Нақшаи кории солонаи иттиҳодияи методӣ;
4. Нақшаи моҳонаи корӣ;
5. Протоколи ҷаласаҳо;
6. Рӯйхати аъзои иттиҳодияи методӣ;
7. Намунаи нақшаи тақвимӣ-мавзуии фанҳо;
8. Намунаи нақшаи яксоатаи дарсии фанҳо;
9. Нақшаи маҳфилҳои фаннӣ;
10. Нақшаи худомӯзии омӯзгорони иттиҳодияи методӣ;
11. Дастовардҳои омӯзгорони иттиҳодияи методӣ;

12. Дафтари таҳлили дарс;
13. Нақшаи баргузории дарсҳои иловагӣ;
14. Рӯйхати омӯзгорони ҷавони ИМ бо омӯзгорони вобасташуда;
15. Нақшаи баргузории дарсҳои намунавӣ;
16. Нақшаи ҳафтаҳои фаннӣ;
17. Дафтари бақайдгирии аъзоён дар чорабиниҳо;
18. Омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ;
19. Бонки маълумот оид ба аъзоёни иттиҳодияи методӣ;
20. Нақшаи дурнамои аз курсҳои такмили ихтисос ва аттестатсия гузаронидани омӯзгорон;
21. Дафтари протоколҳои иттиҳодия (дафтари мазкур саҳифабандӣ ва рақамгузорӣ карда шуда, бо муҳри муассисаи таълимӣ ба расмият даровaрда мешавад);
22. Маводи дар ҷаласаи иттиҳодия баррасишуда (маърӯза, маълумотнома ва баромадҳо, нақшаи дарсҳои кушод ва сенарияҳо);
23. Корҳои эҷодии омӯзгорон, ки бо тавсияи иттиҳодияи методӣ нашр шудааст;
24. Дафтари қайди иштирок ба дарсҳои ҳамдигар;
25. Нақшаи чорабиниҳои беруназсинфии омӯзгорон;
26. Нақшаи ташкили кори роҳбаладӣ ва расонидани кумаки методӣ ба омӯзгорони навкор;

**Воҳидҳои сохтории иттиҳодияҳои методӣ дар муассисаи таълимӣ**

Воҳидҳои сохторӣ (иттиҳодияҳои методӣ) барои фанҳои зерини таълимӣ, сатҳҳои омӯзиш ва самтҳои фаъолият ташкил карда мешавад:

-иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ;

-иттиҳодияи методии омӯзгорони фанни риёзӣ;

-иттиҳодияи методии омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик;

-иттиҳодияи методии омӯзгорони фанни забони русӣ;

-иттиҳодияи методии омӯзгорони фанни таърих ва ҳуқуқ, ҷамъиятшиносӣ;

-иттиҳодияи методии омӯзгорони фанни забонҳои хориҷӣ;

-иттиҳодияи методии омӯзгорони фанни тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии ибтидоии ҳарбӣ;

-иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳо;

-иттиҳодияи методии омӯзгорони фанҳои дақиқ;

-иттиҳодияи методии омӯзгорони фанни география ва асосҳои иқтисодиёт;

-иттиҳодияи методии омӯзгорони забонҳо (забон ва адабиёти тоҷик, забони русӣ, забони англисӣ-агар дар муассиса шумораи ҳар як гурӯҳи омӯзгорон аз 3 нафар зиёд набошад);

-иттиҳодияи методии омӯзгорони фанни биология;

-иттиҳодияи методии омӯзгорони фанҳои суруд ва мусиқӣ, санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ.

Чи тавре ки дар боло қайд кардем, ба роҳбарии иттиҳодияи методӣ омӯзгори ботаҷриба ва дорои тахассуси олӣ ё якум таъйин карда мешавад ва номи пурраи вазифаи он чунин аст:

-роҳбари иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ;

-роҳбари иттиҳодияи методии омӯзгорони фанни математика (дар баъзе муассисаҳо физика ва математика);

-роҳбари иттиҳодияи методии омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик (забони давлатӣ, алифбо ва матни ниёгон, маърифати оиладорӣ);

-роҳбари иттиҳодияи методии омӯзгорони фанни забони русӣ;

-роҳбари иттиҳодияи методии омӯзгорони фанҳои таърих ва ҳуқуқ;

-роҳбари иттиҳодияи методии омӯзгорони фанҳои забони англисӣ, олмонӣ ва фаронсавӣ;

-роҳбари иттиҳодияи методии омӯзгорони фанҳои тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии ибтидоии ҳарбӣ;

-роҳбари иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳо;

-роҳбари иттиҳодияи методии омӯзгорони фанҳои дақиқ;

-роҳбари иттиҳодияи методии омӯзгорони фанни география ва асосҳои иқтисодиёт;

-роҳбари иттиҳодияи методии омӯзгорони забонҳо.

Ҳайати воҳидҳои сохтории иттиҳодияҳои методӣ бо нишон додани ному насаби пурраи омӯзгорони шомили як иттиҳодия аз тарафи директори муассисаи таълимӣ тасдиқ карда мешавад. (замима мегардад)

Мавриди зикр аст, ки вобаста ба шакли фаъолият, шумораи омӯзгорони фаннӣ, инчунин, тахассуси омӯзгорон номи иттиҳодияи методӣ ва ҳамгироии фанҳои таълимӣ дар доираи як иттиҳодия муттаҳид мешаванд.

**Гӯшаи иттиҳодияи методӣ**

Муассисаҳои таълимӣ ба хотири рушди маҳорати касбии омӯзгорон, беҳтар гардидани сифати дониши хонандагон, инчунин, таҷрибаивазкунӣ самтҳои гуногуни фаъолият доранд.

Яке аз воситаҳои асосии кумак ба омӯзгорони муассиса, ки шомили иттиҳодияҳои методӣ мебошанд, ин таъсиси гӯшаи иттиҳодияи методӣ дар муассиса мебошад. Онро дар баъзе муассисаҳои таълимӣ “Ёрӣ ба омӯзгорони ҷавон”, “Гӯшаи иттиҳодияи методӣ”, “Иттиҳодияи методии фанни забон ва адабиёти тоҷик” (вобаста ва фанҳои таълимӣ номи гӯша иваз мешавад) ном мебаранд. Дар гӯшаи иттиҳодияи методӣ намунаи нақшаи тақвимӣ-мавзуӣ, намунаи нақшаи яксоатаи дарсӣ, дастурҳои таълимии тахассусӣ, нақшаи худомӯзӣ, тавсияҳои методӣ, номгӯи чорабиниҳои

иттиҳодияи методӣ ва номгӯйи мавзуъҳои методӣ гузошта мешавад.

Таъсиси чунин гӯшаҳо барои дигар омӯзгорон, ки ба курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ, семинарҳои мақсадноку омӯзишии доимамалкунанда ва дигар чорабиниҳо даъват мешаванд, ба манфиат мебошад.

### Ҳуҷраи кории роҳбари иттиҳодияи методӣ

Роҳбари иттиҳодияи методӣ фаъолияти худро дар якчанд самтҳои дар боло зикршуда ба роҳ монда, аз номи коллективи омӯзгорони як гурӯҳи фанҳо баромад мекунад. Вай аз номи аъзоёни иттиҳодияи методӣ ҳуқуқи ба шурои методии муассиса пешниҳод, дархост ва гузориш доданро дорад.

Аз ин рӯ, роҳбари иттиҳодияи методӣ бояд дорои ҳуҷраи кории худ бошад, ки дар он ҷо тамоми ҳуҷҷатҳо, китобҳо, барномаҳо, стратегияҳо ва стандартҳои фаннӣ нигоҳдорӣ карда мешавад. Инчунин, барои гузаронидани ҷаласаҳои иттиҳодияи методӣ ҷойи муносиб мебошад.

Дар ҳуҷраи кории роҳбари иттиҳодияи методӣ намунаи корҳои хаттии хонандагон, айёниятҳо гузошта мешавад, то омӯзгорон ҳангоми дарсҳои намунавӣ ва дигар чорабиниҳо аз маводҳои кабинети иттиҳодияи методӣ ба таври васеъ истифода бурда тавонанд.

Вобаста ба имкониятҳои муассиса ва базаи моддӣ-техникӣ синфхонаҳои алоҳидаи фаннӣ мавҷуд аст, ки омӯзгорон берун аз дарс дар он ҷо кор мекунанд. Инчунин, дафтарҳои кории хонандагон низ нигоҳ дошта мешаванд.

## Тартиби таҳияи протоколи ҷаласаи иттиҳодияҳои методӣ

Иттиҳодияҳои методӣ фаъолияти якҷояи худро дар асоси қабули қарори марбут ба масъалаи баррасишаванда ба роҳ мемонад, ки онро "Протокол" ном мебаранд. Дар аксар маврид онро бо истилоҳи ҷаласа низ ном мебаранд, аммо истилоҳи маъмул ва аксарияти омӯзгорон истилоҳи "Протокол"-ро истифода мебаранд. Ба андешаи инҷониб, вожаи ҷаласа ба қоидаю меъёрҳои забони тоҷикӣ мувофиқ аст.

**Протокол** - (аз юнонӣ Protokollon - варақи аввал) - ҳуҷҷати мушаххасе, ки сабти нутқро ва мулоҳизаҳои иштироккунандагони маҷлис, конференсия, сессияро дар бар мегирад.

Дар фарҳангҳо истилоҳи "Протокол" бо тарзҳои гуногун шарҳ дода мешаванд, ки маҷмуи онро "Ҳуҷҷате, ки дар он суханони ягон ҷамъомад сабт карда мешавад" ташкил медиҳад.

Дар "Луғати тафсирии калимаҳои русӣ-интернатсионалӣ" калимаи протокол чунин шарҳ дода шудааст: "Протокол (юн. Protokollon – варақи аввал аз Protos – аввал ва kollao – ширеш, елим мекунам) – 1) ҳуҷҷате, ки дар он суханони дар ягон ҷамъомад, ё дар вақти пурсиш, мусоҳиба гуфташуда ва қарорҳои қабулшуда пурра навишта мешаванд, мас., П.-и маҷлиси умумӣ; 2) шартномаи хаттии байни давлатҳои гуногун оид ба ягон масъалаи махсус; 3) П.-и дипломатӣ – маҷмуи қоидаҳо оид ба тартиботи ҳар гуна амалиёти дипломатӣ, инчунин, шакли зоҳирии муносибати байни дипломатҳо, ходимони давлатии мамлакатҳои гуногун; 4) қарордоди конференсияҳои байналхалқӣ, ки қувваи шартномаро дорад".[3]

[3] Луғати тафсирии калимаҳои русӣ-интернатсионалӣ, с.250.

Протоколи маҷлисҳо дар варақаҳои муқаррарӣ тартиб дода шуда, дар коғази формати А4, ё дар дафтари махсус қайд карда мешавад. Протокол вобаста ба талаботи муассисаи таълимӣ чопӣ ва ё дастӣ навишта мешавад.

Тартиби бақайдгирӣ:

Протоколҳо бояд тафсилоти зеринро дар бар гиранд:

- номи иттиҳодияи методие, ки дар он ҷаласа гузаронида мешавад;
- номи навъи ҳуҷҷат;
- сана, рақам, ҷойи баргузории ҷаласа, унвон, матн.

Протоколҳо дар давоми соли таҳсил рақамгузорӣ карда мешаванд. Матни пурраи протокол аз ду қисм иборат аст: муқаддимавӣ ва ниҳоӣ. Қисми муқаддимавӣ дорои маълумоти доимӣ (калимаҳо: «РАИС», «КОТИБ», «ҲОЗИР»)

Кормандони дигаре, ки аъзои иттиҳодияи методӣ нестанд (омӯзгорони дигар фанҳо, роҳбари муассисаи таълимӣ, кормандони шуъбаи маориф) ҳуқуқи дар ҷаласаи иттиҳодияи методӣ ширкат варзиданро доранд. Бинобар ин, пас аз номбар шудани аъзоёни ҷаласа калимаи «Иштироккунандагони беруна» ва нишон додани ному насаби онҳо бе нишон додани номи вазифа оварда мешаванд.

Агар аъзоёни иттиҳодияи методӣ шумораи зиёдро ташкил диҳанд, мо метавонем, ки “Шумораи аъзоёни иттиҳодия_______ нафар; иштирок дошт_________нафар; иштирок надошт ________ нафар” қайд кунем. (инчунин, мумкин аст, ки ному насаби пурраи иштироккунандагон замима карда мешавад).

Қисми муқаддимавии протокол бо рӯзнома ба охир мерасад. Калимаи “РӮЗНОМА» дар байни коғаз навишта шуда, сипас масъалаҳои баррасишаванда бо рақамҳо ифода карда мешаванд. Дар рӯзномаи ҷаласа набояд масъалаҳои зиёд баррасӣ карда шаванд. Метавонем то 3 масъаларо мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Ба рӯзнома масъалаҳои иловагӣ ва ё гуногун тавсия дода намешавад. Ҳар як масъала бояд мушаххас, фаҳмо ва дар вақти муайяншуда, гузаронида шавад.

Қисмати асосии матн мувофиқи саволҳо оид ба сохтор сохта шудааст. Қисми асосии матни протокол пас аз фосилаи 1,5 чоп карда мешавад.

Тартиб додани протоколи муҳокимаи ҳар як масъалаи рӯзнома аз рӯйи он раиси ҷаласа, котиб, ё ягон омӯзгори фаннӣ баромад мекунад. Сипас масъалаи баромадшуда ба муҳокимаи ҷаласаи иттиҳодияи методӣ гузошта мешавад. Ҳар як масъала муҳокима шуда, дар асоси он тавсия дода мешавад. Он–бо ибораи зерин “Оид ба масъалаи мазкур ҷаласаи иттиҳодияи методӣ тавсия медиҳад” ифода карда мешавад.

Ба протокол раиси ҷаласа ва котиб имзо мегузорад. (замима мегардад). Иттиҳодияи методӣ салоҳияти қарор қабул карданро надорад, танҳо хусусияти тавсиявӣ дорад.

## Дарёфт, омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ дар иттиҳодияи методӣ[4]

Дарёфт, омӯзиш, ҷамъбаст, тарғибу ташвиқ ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ дорои аҳаммияти илмиву методӣ буда, вазифаи асосии омӯхтани он аз дарёфт намудани роҳҳо, усулҳо, методҳо ва равишҳои нави таълимӣ ҷиҳати боло бурдани сатҳу сифати дониши хонандагон, ташаккулу рушди тафаккури онҳо, самаранок истифода бурдани навгониҳои эҷодии омӯзгорони пешқадам дар раванди таълим ва монанди инҳо иборат аст.

---

[4].Эзоҳ: Ин бахши дастур аз дастури методии Рустамшозода Шаҳбоз “Дарёфт, омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ (дастури методӣ)”, - Душанбе: “Матбаа”, 2024. –72 с. истифода шудааст.

Аз ин гуфтаҳо чунин хулоса бармеояд, ки паҳн намудан ва дар таҷрибаи муассисаҳои таълимӣ татбиқ намудани ҳар як таҷрибаи пешқадами педагогӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Таҷрибаи омӯзгорони навоварро амиқ, ҳаматарафа таҳлил, ҷамъбаст ва паҳн намудани онҳо ниҳоят зарур аст. Саволе ба миён меояд, ки нишонаҳои дарёфт ва омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ кадомҳоянд? Таҷрибаи пешқадами педагогиро аз рӯйи кадом нишонаҳо фарқ кардан мумкин аст? Ба кадом талаботи асосӣ бояд ҷавобгӯ бошад? Объекти интихобшуда бояд дорои кадом салоҳиятҳои шахсӣ ва касбӣ бошанд? Тартиби омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ бо риояи кадом намуди ҳуҷҷатҳо сурат мегиранд? Ин ва дигар саволҳое мавҷуданд, ки омӯзгорон мехоҳанд донанд ва истифода намоянд. Нишонаҳои фарқкунанда ва муҳимтарини омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ аз инҳо иборат аст:

-самти омӯзиши фаъолияти объекти интихобшуда ба талаботи рушди салоҳиятҳои хонандагон мувофиқи нақшаву барномаҳои таълимӣ, методикаи муосири таълим, ё худ ба дарки ҷомеа мувофиқ будани он мебошад;

- аз ҷиҳати хусусиятҳои педагогиву психологӣ устувор будани натиҷаҳои амалии он бисёр муҳим мебошад. Яъне, технологияи педагогии омӯхташаванда барои рушди касбии дигар омӯзгорон мусбат арзёбӣ мегардад;

-омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ сарфи зиёди қувва ва вақти омӯзгорро мегирад. Таҷрибаи пешқадами педагогӣ ин маҳорати баланду натиҷаи назарраси омӯзгорист;

Шаклҳои асосии омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ гуногун мешаванд, аз ҷумла:

-*инфиродӣ.* Дар шакли инфиродӣ омӯхтани объекти мавриди таҳқиқ танҳо ба фаъолияти кории як омӯзгор, директор, ҷонишинони директор, мураббия ва ё дигар гурӯҳи кормандони соҳаи маориф, дар назар дошта шудааст;

-*гурӯҳӣ.* Шакли дигари омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ ин гурӯҳӣ мебошад, ки таҷрибаомӯз объекти худро дар асоси фанни таълимии ихтисоси худ интихоб намуда, як гурӯҳи омӯзгорони фанниро ба ҳайси объекти омӯзиш қарор медиҳад. Яъне, ҳолати амалишавии тадбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик дар мисоли таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони МТМУ №1-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ё ҳолати ҳуҷҷатнигории иттиҳодияи методии омӯзгорони фанни таърих ва ҳуқуқ дар МТМУ №5-и шаҳри Кӯлоб ва ғайра.

-*коллективӣ.* Омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогии коллективӣ хеле муҳим ва мураккаб аст. Дар ин самт, таваҷҷуҳ ба фаъолияти коллективи муассисаи таълимии мавриди таҳқиқу омӯзиш ва баррасӣ қарор мегирад.

Дар «Луғати тафсирии истилоҳоти педагогика» шарҳи таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва мақсади омӯзиши он чунин зикр шудааст: "Таҷрибаи пешқадами педагогӣ, як шакли омӯхтан ва паҳн намудани таҷрибаи муаллимони пешқадам, роҳбарони синф, директорони муассисаҳо, мураббиён ва падарону модарон оид ба кори таълиму тарбия. Таҷрибаи пешқадами педагогӣ ба воситаи ташкил намудани суҳбат, маърӯза, дарсҳои кушод, конференсияҳо, хонишҳои педагогӣ, ВАО ва ғайра паҳн карда мешавад".[5]

Таҷрибаи пешқадами педагогӣ зина ба зина омӯхта ва оммавӣ мегардад. Оммавӣ кунонидани таҷрибаи пешқадами педагоги, пеш аз ҳама, барои баланд бардоштани мазмун ва сифати таълим нигаронида шуда, барои омӯзгорони ҷавон низ муассисаи таҷриба маҳсуб ёфта, ҳамчун дастурамал хизмат хоҳад кард. Барои омӯхтан ва оммавӣ кунонидани таҷрибаи пешқадами омӯзгорон ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешавад:

---

[5].Нуриддинов Г.Н. ва дигарон, «Луғати тафсирии истилоҳоти педагогика». - Душанбе: Нашриёти «Маориф» 1998.

-намунаи нақшаи яксоатаи дарсӣ аз фанни таълимӣ;

-намунаи нақшаи яксоатаи тарбиявӣ;

-намунаи нақшаи тақвимӣ;

-намунаи нақшаи маҳфилҳои фаннӣ;

-намунаи нақшаи худомӯзӣ;

-ҳолати пур намудани дафтари синф;

-шарҳи ҳол, тавсифнома, маълумотнома аз муассиса, нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ ва ғайра.

Барои омӯхтани таҷрибаи пешқадами педагогӣ талаботи зерин барои интихоби объекти омӯхташаванда муҳим аст: омӯзгоре, ки методикаи таълими фанни худро хуб медонад; аз асбобҳои аёнӣ, воситаҳои техникии таълимӣ моҳирона истифода бурда метавонад; пайваста аз пайи ҷустуҷӯйи корҳои эҷодӣ, роҳу усулҳои нави беҳтар кардани таълиму тарбия ва баланд бардоштани сифати дониши худ ва хонандагон бошад; ҳамкории педагогиро хуб ба роҳ монда тавонад; барои ташаккул додани нутқи хаттӣ ва шифоҳии хонандагон дарсҳои худро эҷодкорона гузаронад; баҳри ҳаматарафа босавод намудани шогирдон саъю кӯшиш намояд; ба талаботи илмҳои педагогӣ, психологӣ, методикаи таълими фан ва физиологӣ ҷавобгӯй бошад; таҷрибаи пешқадами ӯ тарзе оммавӣ гардад, ки истифодабарии он имкони тағйирдиҳии самтҳои таълиму тарбияро дошта бошад; дар баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорони дигар низ саҳм гузошта тавонад ва монанди инҳо.

Ҳамин тариқ, омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ аз сатҳи муассисаи таълимӣ, махсусан, иттиҳодияи методӣ оғоз ёфта, то сатҳи ҷумҳуриявӣ давом мекунад.

# БОБИ II.
# ИТТИҲОДИЯИ МЕТОДИИ РОҲБАРОНИ СИНФ

## 2.1.Аҳамияти ташкили иттиҳодияи методии роҳбарони синф

Бо мақсади фароҳам овардани шароити зарурӣ барои баланд бардоштани маҳорати педагогии роҳбарони синфҳо ва баланд бардоштани хусусиятҳои илмии идоракунии раванди таълим дар гурӯҳҳои синфӣ бо истифода аз таҷрибаи ҷамъшуда иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳо ташкил карда мешавад.

Иттиҳодияи методии роҳбарони синф воҳиди сохтории системаи дохилимуассисавии идоракунии раванди таълим, ҳамоҳангсозии кори методӣ ва ташкилии роҳбарони синфҳое мебошад, ки онҳо хонандагони синну соли муайянро таълим медиҳанд.

Иттиҳодияи методии роҳбарони синф бо мақсади таъминоти методии ҷараёни таълим, таҳқиқи самаранокии он, такмили маҳорати касбӣ таъсис дода мешавад. Иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳо вобаста ба миқдори синфҳо ташкил карда мешавад. Масалан, дар муассисаҳои таълимие, ки шумораи синфҳо зиёд аст метавон иттиҳодияи методӣ барои синфҳои 1-4, синфҳои 5-8, синфҳои 9-11 иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳо ташкил кардан мумкин аст. Дар муассисаҳои таълимие, ки миқдори синфҳо кам аст, иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳои 1-11 ташкил карда мешавад.

Мазмуни кори иттиҳодияи методии роҳбарони синф бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, дастурҳо ва фармонҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад; Оинномаи муассисаи таълимӣ, низомномаи иттиҳодияи методии роҳбарони синф, нақшаи кории солона; таҳқиқи нави

психологию педагогӣ ва методӣ, ки дараҷаи кори методиро баланд мебардорад; натиҷаҳои ташхис ва мониторинги ҳолати ҷараёни таълим, сатҳи таълими хонандагон, ки ба муайян намудани мушкилиҳои асосӣ ва вазифаҳои кори методӣ мусоидат мекунанд.

Дар шароити ислоҳоти соҳаи маорифи мамлакат талабот ба салоҳияти касбии ҳайати омӯзгорон гузошта мешавад. Имрӯз ба зиммаи роҳбари синф масъулияти баланди тарбиявӣ, таълимӣ ва маърифатӣ гузошта шудааст, ки мавқеи роҳбари синфро дар байни коллективи омӯзгорони муассисаи таълимӣ баланд мебардорад.

Иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳо ба роҳбарони синфҳо имкон медиҳад, ки на танҳо дар татбиқи ҳадафу барномаҳои муассиса ширкат намоянд, балки дар банақшагирӣ ва таҳияи онҳо, дар санҷиши таҷрибаву навоварӣ фаъолона ширкат варзанд, ба инкишофи нерӯи эҷодии онҳо, ки ба ташаккул ва инкишофи шахсияти хонанда равона карда шудааст, таклифу пешниҳодҳо намоянд.

Муассисаи таълимӣ бояд ҳамеша хонаи кӯдакон, оилаи дуюм боқӣ монад. Муаллимон бошанд, муҳити меҳрубонӣ ва гарму ҷушон фароҳам оваранд. Дар маркази тамоми фаъолияти таълимии умумии муассисаҳо вазифаи ба таври пурра инкишоф додани ҳар як кӯдак, нигоҳ доштани хусусияти фардии онҳо, ошкор намудани истеъдоди заминавии ӯ, фароҳам овардани шароит барои такмили муътадили маънавӣ, равонӣ ва ҷисмонӣ бошад.

Бо мақсади фароҳам овардани шароити зарурӣ барои баланд бардоштани маҳорати педагогии роҳбарони синфҳо, баланд бардоштани характери илмии идоракунии раванди таълим дар гурӯҳҳои синфӣ ташкил намудани иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳо дар муассисаҳои таълимӣ далели раднашаванда эътироф шудааст. Бо ин мақсад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.07.2013, №18/29 “Низомномаи иттиҳодияи методии роҳбарони синф” тасдиқ гардидааст, ки фаъолияти ин низоми муассисаи таълимиро ба танзим медарорад.

Кори роҳбари синф муҳимтарин қисмати кори тарбиявии муассиса мебошад. Банақшагирии кори роҳбарони синфҳо дар таълиму тарбияи хонандагон ба талаботи замон ҷавобгӯ мебошад.

Роҳбарони синфҳо дар соли хониш эҷодкунандагони машғулиятҳои шавқовар ва шаклҳои гуногуни меҳнат буда, ҳаёти ҳаррӯза ва фаъолияти хонандагонро дар синфи худ ташкил мекунанд.

Ба иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳо яке аз омӯзгорони ботаҷрибаи муассиса роҳбарӣ мекунад ва назорати бевоситаи он аз тарафи муовини директор оид ба корҳои тарбиявӣ амалӣ карда мешавад.

Мазмуни фаъолияти иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳо бояд инҳоро дар бар гирад:

- баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон оид ба масъалаҳои таълим ва усулҳои таълим (аз худ намудани технологияҳои нави таълим; баланд бардоштани нерӯи эҷодии омӯзгор бо назардошти қобилияти фардии онҳо; расонидани ёрии амалӣ дар ташкили корҳои таълимиву тарбиявӣ бо хонандагон ва ғайра);

-таҳияи тавсияҳои методӣ барои ташкили самараноки раванди таълим;

-ҳамоҳангсозии фаъолияти тарбиявии роҳбарони синфҳо ва ташкили ҳамкории онҳо дар раванди таълим;

-табодули таҷрибаи мусбии педагогӣ барои ноил шудан ба натиҷаҳои таълимӣ;

- санҷиши барномаҳои таълимии омӯзгорон;

-ба манфиати такмили кори роҳбарони синфҳо ҳамкорӣ намудан бо кафедраҳои Донишкадаи такмили ихтисос ва

бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он дар минтақаҳо;

-баҳо додан ба кори аъзоёни иттиҳодия, дархост ба роҳбарияти муассисаи таълимӣ дар бораи мукофотонидани беҳтарин роҳбарони синфҳо.

Мақсади асосии кори иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳо ин ташаккули салоҳияти касбии роҳбарони синфҳо ҳангоми кор бо хонандагон, волидон ва аъзоёни синф мебошад. Он ба баланд бардоштани сифат ва самаранокии системаи таълим, такмили шаклу усулҳои нави таълим дар муассисаҳо тавассути баланд бардоштани салоҳият ва маҳорати касбии роҳбарони синфҳо амалӣ карда мешавад.

Хусусиятҳои фаъолияти иттиҳодияи методии роҳбарони синф бояд ба талаботи зерин мувофиқат намояд:

- илмӣ (ҷустуҷӯ ва такмили роҳбарони синф бояд заминаи методӣ дошта бошад);

- инсондӯстӣ (асоси мазмуни таълим шахс, муаллим, ташаккули малака, қобилият, муносибатҳои арзишманди ҳамоҳангӣ ва фарҳанги осоиштаи ӯ мебошад);

- системанокӣ (зарурати банақшагирӣ ва татбиқи ҳамаи марҳилаҳои таҳияи илмию амалии масъаларо дар назар дорад);

- мувофиқат ва талабот (таваҷҷуҳ ба масъалаҳои аҳамияти касбӣ вобаста ба мазмун ва ташкили кори таълимӣ);

- мутобиқати фарҳангӣ (таҳияи мундариҷа, ки ба дастовардҳо ва талаботи фарҳанги илмӣ, касбӣ ва умумибашарӣ).

## 2.2. Самтҳо ва шаклҳои фаъолияти иттиҳодияҳои методии роҳбарони синфҳо

Роҳбари иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳо дар самтҳои гуногун фаъолият мекунад. Муҳимтарини онҳоро метавон ба таври зайл ном бурд:

1. Ҷалби омӯзгор ба ҷустуҷӯи эҷодӣ, ба фаъолияти инноватсионӣ ва таҷрибавӣ;

2. Баланд бардоштани дараҷаи самараи кори худомӯзӣ, ба таври миёна истифода бурдан ва ба кор бурдани усулҳои оқилона, техника ва технологияи таълиму тарбия;

3. Омӯхтан ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогии иттиҳодияи методии роҳбарони синфи муассисаҳо ва омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами ҳар яке аз онҳо.

**Шаклҳои фаъолияти иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳо аз инҳо иборат аст:**

1. Иштирок дар машваратҳои методӣ.
2. Гузаронидани маҷлисҳои дастурдиҳӣ-методӣ, семинарҳо.
3. Ташкили лексияҳо.
4. Гузаронидани семинарҳо оид ба ҳалли мушкилот.
5. Ташкили хонишҳои педагогӣ.
6. Таҳлили кор оид ба беҳтар намудани мазмуни кори тарбиявӣ.
7. Омӯзиши ҳуҷҷатҳои меъёрӣ (то оғози соли хониш).
8. Ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами таълимӣ.
9. Гузаронидани суҳбатҳо оид ба масъалаҳои тарбия дар раванди таълим бо иштироки падару модарон.
10. Гузаронидани викторинаҳо, озмунҳо ва конфронсҳо.
11. Саволнома ҳамчун воситаи такмил додани ташкили таълим ва раванди таълим.
12. Гузаронидани чорабиниҳои кушод.
13. Муҳокимаи нақшаҳои худомӯзӣ.
14. Баланд бардоштани дараҷаи назариявӣ, илмию методии масъалаҳои психология ва педагогикаи кори тарбия.
15. Таъмини татбиқи равишҳои ягонаи бунёдӣ ба тарбия кардан ва иҷтимоӣ гардонидани хонандагон.
16. Бо техникаи замонавӣ мусаллаҳ намудани роҳбарони синфҳо.

17. Омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ.
18. Маҷлисҳои иттиҳодияи методӣ.
19. Ёрии методӣ ва машваратҳои фардӣ оид ба ташкили корҳои беруназсинфӣ ва беруназмуассисавӣ.
20. Иштироки мутақобила дар соатҳои дарсӣ ва чорабиниҳои кушоди омӯзгорон ва роҳбарони синфҳо.
21. Баромади роҳбарони синфҳо дар маҷлисҳои муассисавӣ.
22. Иштирок дар семинару вохӯриҳо дар муассисаҳои таълимии ноҳия.
23. Аз аттестатсия гузаштани ҳайати омӯзгорон.

## 2.3. Вазифаҳои роҳбари иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳо

Вазифаи асосии кори иттиҳодияи методии роҳбарони синф дар муассисаи таълимӣ аз он иборат аст, ки ба роҳбари синф дар таҳия ва татбиқи системаи фаъолияти касбӣ дар шароити навсозии таълим дар самтҳои зерин ёрии методӣ расонад:

Роҳбарии иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳоро омӯзгори пуртаҷрибаи муассисаи таълимӣ ба уҳда дошта, ҷиҳати расонидани кӯмаки методӣ ба роҳбарони синфҳо масъул аст. Роҳбари иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳоро директори муассиса мувофиқи оинномаи муассиса ва қарори шурои педагогии муассиса ба вазифа таъйин ва озод менамояд. Фаъолияти роҳбари иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳо ба вазифаҳои зерин нигаронида шудааст:

-барои мунтазам такмил додани салоҳияти касбии роҳбарони синфҳо шароит фароҳам меоварад;

-тавассути системаи такмили ихтисос ва худомӯзии ҳар як омӯзгор баланд бардоштани маҳорати педагогии омӯзгорон оид ба азхудкунии технологияҳои нави таълим;

-мониторинги раванди ташаккули фаъолияти универсалии таълимии хонандагонро дар раванди таълим амалӣ менамояд;

-ташаббус ва эҷодкории роҳбарони синфҳо, фаъол гардонидани фаъолияти онҳо дар корҳои таҳқиқӣ-ҷустуҷӯӣ оид ба тарбияи хонандагон;

-вазъияти кори тарбиявиро дар синфҳо омӯзанд ва таҳлил намоянд, камбудиҳои кори роҳбарони синфҳоро ошкор ва пешгирӣ кунанд;

-баланд бардоштани дараҷаи назариявӣ, илмию методии тайёрии роҳбарони синфҳо оид ба масъалаҳои психология ва педагогикаи кори тарбия;

-аз худ намудани консепсияҳои муосири таълим ва технологияҳои педагогӣ;

-кор карда баромадани талаботи ягона ва тадбирҳои ҳалли масъалаҳои асосӣ дар амалияи тарбияи коллектив ва шахс;

-бо методикаи кори тарбиявӣ мусаллаҳ намудани онҳо ва расонидани ёрӣ барои такмили маҳорати фардии педагогии онҳо;

-омӯзиш, умумӣ ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ дар таълиму тарбияи хонандагон ва эҷоди таҷрибаи нав дар асоси тавсияҳои илми педагогӣ;

-таъмини татбиқи муносибатҳои ягонаи тарбияи хонандагон;

-баланд бардоштани малакаи касбии омӯзгорон ва омӯзгорон;

-аз худ намудани консепсия ва технологияи педагогии муосир;

-умумият ва паҳн намудани таҷрибаи беҳтарини кори тарбиявӣ;

-ташвиқ намудани хоҳиши роҳбарони синфҳо барои баланд бардоштани маҳорати касбии худ тавассути худомӯзӣ ва монанди инҳо.

## 2.4.Ҷаласаҳои иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳо

Иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳо фаъолияти худро дар асоси низомнома ва оинномаи муассисаи таълимӣ ба роҳ монда, дар ду моҳ як маротиба ҷаласа баргузор менамояд. Ҷаласаҳои иттиҳодияҳои методии роҳбарони синфҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, дар шакли машварат ва семинарҳо гузаронида мешавад, ки дар он масъалаҳои муҳимми самти таълим, тарбия ва фаъолияти муассиса баррасӣ карда мешаванд.

Дар иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳо, ҳалли масъалаҳои муҳимтарини муассисаи таълимӣ, масъалаҳои аз худ намудани усулҳо, шаклҳо, намудҳо, воситаҳо, технологияҳои нави педагогӣ дар тарбияи кӯдакон баррасӣ мешаванд.

## 2.5. Номгӯйи ҳуҷҷатҳои роҳбари иттиҳодияи методии роҳбарони синф

Иттиҳодияи методии роҳбарони синф ба муттаҳидии коллектив, нигоҳ доштан ва инкишоф додани анъанаҳои муассисавӣ мусоидат намуда, ташаббус ва эҷодиёти омӯзгоронро ба амал меоранд, камбудиҳо ва душвориҳои корро ошкор мекунанд. Аз ин рӯ, иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳо дар худ бояд ҳуҷҷатҳои зеринро дошта бошанд:

1. Низомномаи иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳо;
2. Низомнома дар бораи идоракунии синф;
3. Нақшаи кори иттиҳодияи методӣ ба муҳлати як соли таҳсил дар маҷлиси иттиҳодия тасдиққардашуда (дар мавридҳои зарурӣ ба он тағйирот даровардан мумкин аст).
4. Нақшаи кори роҳбарони синф;
5. Таҳлили фаъолияти соли гузашта ва вазифаҳои барои соли нави таълим;

6. Бонки маълумотии омӯзгорон (синну сол, маълумот, ихтисос, фанни таълим, таҷрибаи омӯзгорӣ, категория, унвонҳо);

7. Протоколи маҷлисҳои иттиҳодияи методӣ;

8. Нақшаи кор бо мутахассисони ҷавон;

9. Маълумотномаҳои фаъолияти иттиҳодияи методӣ;

10. Рӯйхати роҳбарони синфҳо (ному насаби роҳбари синф; дар кадом синф роҳбар ва шумораи хонандагони синф).

11. Рӯйхати роҳбарони синфҳо ҷиҳати шинос шудан бо низомномаи иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳо.

Ҳуҷҷатҳое, ки дар ҷузвдони роҳбарони синфҳо бояд бошанд:

1. Рӯйхати хонандагони синф;
2. Рӯйхати тақсимоти вазифаҳои синфӣ дар байни хонандагон;
3. Рӯйхат бо нишон додани ному насаби пурраи волидайни хонандагон ва рақамҳои телефони хона ва ҷойи кор;
4. Ҳайати комитети падару модарон;
5. Рӯйхати амволи синф;
6. Вазъи саломатии хонандагон;
7. Протоколи маҷлиси падару модарон;
8. Вазъи иҷтимоии хонандагони синф;
9. Барномаи кори таълимии синф (синфҳои 5-11).

## Пешниҳод вобаста ба беҳтар гардидани кори иттиҳодияҳои методӣ дар муассисаҳо

1.Бо дарназдошти талаботи дар низомномаи иттиҳодияи методӣ омада, пешниҳод менамоем, ки иттиҳодияи методӣ вобаста ба гурӯҳи фанҳо таъсис дода шавад. Масалан, иттиҳодияи методии омӯзгорони фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ, иттиҳодияи методии омӯзгорони фанҳои табиӣ-риёзӣ, иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, иттиҳодияи методии омӯзгорони фанҳои дақиқ ва иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳо;

2.Тибқи фасли 1 ва банди 1.1. Низомномаи иттиҳодияи методии омӯзгорони фаннӣ дар сурати мавҷуд будани на камтар аз се омӯзгори як фан иттиҳодияи методии ҳамон фан ташкил карда мешавад. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки шумораи омӯзгорони иттиҳодияи методӣ, дар доираи то 25 нафар муайян карда шавад;

3. Иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳо беҳтар мешавад, ки аз рӯи шумораи синфҳо муайян карда шаванд. Масалан, иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳои 1-4, синфҳои 5-8 ва синфҳои 9-11.

# ХУЛОСА

Соҳаи маорифи кишвар зери таваҷҷуҳи доимии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Пешвои миллат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (22.12.2017) таъкид намудаанд, ки: *«Моро зарур аст, ки боз ҳам зиёдтар заҳмат кашида, ба масъалаи таълиму тарбия афзалияти бештар диҳем, сатҳу сифати таълимро дар ҳамаи зинаҳо беҳтар кунем, барои таҳсилоти босифат аз тамоми имконот истифода карда, заминаҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимиро таҳким бахшем ва самарабахшии фаъолияти онҳоро таъмин намоем».*[6]

Иттиҳодияи методӣ иттиҳоди омӯзгорони як гурӯҳи фанҳо дар муассисаи таълимӣ буда, ҳадафи он мунтазам баланд бардоштани маҳорати касбӣ ва расонидани кумаки методӣ ба омӯзгорон мебошад. Дар иттиҳодияи методӣ масъалаҳое баррасӣ мешаванд, ки дар фаъолияти рӯзмараи омӯзгорон ва навигариҳои соҳа муҳим арзёбӣ мегарданд.

Бояд махсус қайд намуд, ки роҳбари иттиҳодияи методӣ барои вобаста намудани омӯзгорони ҷавон бо омӯзгорони таҷрибадор ба директори муассисаи таълимӣ пешниҳод мекунад ва бо фармоиши директори муассиса ба тавсиб мерасад. Омӯзгорони ҷавон пайваста зери кумак ва дастгирии омӯзгорони собиқадор қарор мегиранд.

Омӯзгорон дар 3 сол як маротиба аз курси такмили ихтисос мегузаранд ва то давраи фиристоданашон ба курси такмили ихтисос мушкилот ва методикаи омӯзиши баъзе аз мавзуъҳоро дар ҷамъомадҳои иттиҳодияи методӣ баррасӣ мекунанд.

Фаъолияти иттиҳодияи методӣ дар асоси оиннома, низомномаи шурои методӣ ва низомномаи иттиҳодияи методӣ ба роҳ монда мешавад.

---

6.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Рӯзномаи “Омӯзгор” 28 декабри соли 2017.с.5.

*ЗАМИМАҲО*

# I.ИТТИҲОДИЯИ МЕТОДИИ ФАННӢ

## Намунаи муқоваи нақшаи кори солонаи иттиҳодияи методии омӯзгорони фаннӣ

Бо қарори шурои педагогии
МТМУ №____аз “_____”_____ 2024 с.,
№____ тасдиқ гардидааст

**Нақшаи**
**кори солонаи иттиҳодияи методии омӯзгорони фанни**
**забон ва адабиёти тоҷик**

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №__ -и шаҳр/ноҳияи __________ деҳаи _____________

дар соли таҳсили 2024-2025

*Нақшаи кори солона дар ҷамъомади иттиҳодияи методии омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифта, бо протоколи №_____, аз «_____» _____ 2024 қобили қабул дониста шуд.*

Роҳбари иттиҳодияи методӣ: / / Олимов Маҳмад

Шурои методӣ бо протоколи №_____, аз «_____» _____ 2024 сол барои тасдиқ пешниҳод мекунад.

Раиси шурои методӣ: / / Умарзода Шерзод

**Низомномаи иттиҳодияи методӣ**

Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва
илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.10.2013,
№ 18/28 тасдиқ шудааст.

## НИЗОМНОМАИ ИТТИҲОДИЯИ МЕТОДИИ ОМӮЗГОРОНИ ФАННӢ

### 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Иттиҳодияи методии омӯзгорони фаннӣ ҷузъи сохтории шурои методии муассисаи таълимӣ буда, бо мавҷуд будани на камтар аз се омӯзгори як фанни таълимӣ ва ё ихтисосҳои ба ҳам наздик ташкил карда мешавад.

1.2. Самтҳои фаъолияти иттиҳодияи методиро Оинномаи муассиса, Низомномаи шурои мегодӣ ва Низомномаи мазкур ба танзим медарорад.

1.3. Иттиҳодияи методиро яке аз омӯзгорони ботаҷриба, нававар, эҷодкор, ки дорои тахассуси олӣ ва ё якуми омӯзгорӣ мебошад, роҳбарӣ мекунад. Роҳбари иттиҳодияи методӣ дар ибтидои соли таҳсил аз ҷониби аъзоёни он пешниҳод гардида, бо қарори шурои педагогӣ тасдиқ ва бо фармоиши директори муассисаи таълимӣ ба расмият даровarда мешавад.

1.4. Роҳбари иттиҳодияи методӣ дар шурои методӣ ва ё шурои педагогӣ оид ба фаъолияи иттиҳодияи методӣ ҳисобот медиҳад.

### 2.ҲАДАФ ВА ВАЗИФАҲО

2.1 Мақсад аз таъсиси иттиҳодияи методӣ такмили маҳорати касбӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои эҷодкорӣ ва таъмини фазои ягонаи таълимиву тарбия дар самти ташаккул ва рушди шахсияти омӯзгорони фаннӣ маҳсуб меёбад.

2.2. Фаъолияти игтиҳодияи методӣ барои ҳалли вазифаҳои зерин равона карда мешавад.

- ташкил намудани фазои ҳамкории омӯзгорон баҳри такмили малакаю маҳоратҳои касбӣ;

-омӯзиши адабиёти илмӣ, методӣ, асноди меъёрии ҳуқуқӣ;

- дуруст ба роҳ мондани ҳуҷҷатнигорӣ;

- роҳбаладии омӯзгорони ҷавону навкор ва камтаҷриба;

- ташвиқу таблиғ ва истифодаи таҷрибаи омӯзгорони пешқадам ва эҷодкор;

- мустаҳкам намудани базаи моддию маънавии таълими фан;

- тавассути маслиҳату машварат ба роҳ мондани навгониҳо ва ҳалли душвориҳои мавҷуда дар таълими фан;

- иштирок ба дарсҳои ҳамдигар ва таҳлилу арзёбӣ;

-арзёбии сифати дониш, малака ва маҳорати хонандагон (бо мақсади муайян намудани мушкилоти омӯзгору хонанда ва минбаъд расонидани ёрии методӣ);

-ташкили семинару машваратҳо;

- ташкили корҳои беруназсинфӣ;

-роҳбаладии ҷараёни худомӯзии омӯзгорон.

## 3.САМТҲО ВА МАЗМУНИ ФАЪОЛИЯТ

3.1.Фаъолияти омӯзгоронро меомӯзад, таҳлил менамояд ва ёрии назариявию амалии методӣ мерасонад.

3.2.Таҷрибаи омӯзгорони пешқадам, навовар ва эҷодкорро омӯхта, ҷамъбаст ва паҳн менамояд.

3.3.Табодули таҷриба ва худомӯзии омӯзгоронро ташкил менамояд.

3.4.Мақолаҳои илмиву методии омӯзгорони навовару эҷодкорро муҳокима ва ба нашр пешниҳод мекунад.

3.5. Ба мутахассисони ҷавону навкор оид ба омӯзиши усулу равиш ва технологияҳои нави таълим ёрии методӣ мерасонад.

3.6. Дар ҳолати зарурӣ бо пешниҳоди шурои педагогӣ

ҳолати таълими фанҳои алоҳида ва натиҷаи омӯзиши сифати дониши хонандагонро аз ин фанҳо мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

3.7. Рафти иҷрои барномаҳои таълимиро мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

3.8. Дар ташкил ва гузаронидани ҷамъомадҳои пешаздарсӣ, дарсҳои кушод, ҳафтаҳои фаннӣ, даври аввали олимпиадаҳои фаннӣ, озмунҳои касбӣ мусоидат намуда, дар омода намудани маърӯзаҳои омӯзгорон барои машваратҳои августиву январӣ ва таҳсилҳои педагогӣ ёрӣ мерасонад.

3.9. Семинар-машварат, мизи мудаввар, тренинг ва мастер-классҳоро ташкил намуда, дар гузаронидани онҳо саҳмгузорӣ менамояд.

3.10.Барои аз аттестатсия гузаштани омӯзгорон ёрии амалӣ мерасонад.

3.11. Ташкил ва гузаронидани ҳафтаҳои фаннӣ.

3.12. Барои иштирок намудан дар озмуни «Муаллими сол» ёрии методӣ мерасонад.

## 4.САЛОҲИЯТҲОИ ИТТИҲОДИЯИ МЕТОДӢ

4.1. Иттиҳодияи методӣ ваколати машваратӣ ва тавсиядиҳиро дорад.

4.2. Иттиҳодияи методии омӯзгорон иақшаҳои тақвимӣ-мавзуии омӯзгорон ва нақшаҳои кори иттиҳодияҳои методии дохили муассисаи таълимӣ, маҳфилҳои фанниро баррасӣ намуда, ба расмият медарорад ва барои тасдиқ пешниҳод менамояд.

4.3. Нақшаи дарсҳои иловагӣ, курс ва корҳои инфиродии омӯзгоронро ташхис намуда, барои тасдиқ тавсия медиҳад.

4.4. Иттиҳодияи методӣ дар ду моҳ як маротиба ҷаласа доир менамояд.

4.5.Омӯзгорони пешқадам, эҷодкор ва навоварро ба мукофотҳо пешбарӣ мекунад.

## 5.ВАЗИФАҲОИ АЪЗОЁНИ ИТТИҲОДИЯИ МЕТОДӢ

5.1.Омӯзгорони фаннӣ аъзои иттиҳодияи методӣ ба шумор мераванд ва вазифадоранд:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро донанд;

-дар ҷамъомадҳои иттиҳодияи методӣ ва семинарҳо фаъолона иштирок намоянд;

-дар баррасӣ ва таҳлили масъалаҳои пешниҳодшуда фаъолона иштирок намоянд;

-нақшаи худомӯзии худро дошта бошанд;

-ба дарсҳои ҳамдигар иштирок карда, маҳорати касбии худро такмил диҳанд;

-ба омӯзгорони ҷавон ва коромӯз ёрии амалии методӣ расонанд.

## 6.ҲУҶҶАТГУЗОРӢ

6.1. Иттиҳодияи методӣ тибқи салоҳият, вазифа ва самтҳои фаъолият нақшаи солона ва моҳонаи фаъолиятро таҳия менамояд. Нақшаи кори солонаи иттиҳодияи методӣ дар мувофиқа бо шурои методӣ бо қарори шурои педагогӣ ва нақшаи моҳона аз ҷониби роҳбари иттиҳодия тасдиқ карда мешавад.

6.2. Ҷаласаи иттиҳодии методӣ дар шакли протокол бо имзои роҳбар ва котиби он ба расмият даровarда мешаванд.

6.3. Ҷаласаи иттиҳодияи методӣ пас аз баррасии ҳар масъала тавсия медиҳад.

6.4. Протоколҳо бо мавод дар кабинети методӣ нигоҳ дошта мешавад.

6.5. Ҷузвдони иттиҳодияи методӣ ҳуҷҷатҳои зеринро дар

бар мегирад:

-бонки маълумот оид ба аъзои иттиҳодияи методӣ;

-таҳлил ва ҷамъбасти соли таҳсили сипаришуда ва вазифаҳои аъзоёни иттиҳодия дар соли таҳсили нав;

-нақшаи кори иттиҳодияи методӣ;

-нақшаи дурнамои аз курсҳои бозомӯзӣ ва аттестатсия гузаронидани омӯзгорон;

-нақшаи дарсҳои кушоди омӯзгорон;

-дафтари протоколҳои иттиҳодия (дафтари мазкур саҳифабандӣ ва рақамгузорӣ карда шуда, бо муҳри муассисаи таълимӣ ба расмият дароварда мешавад);

-маводи дар ҷаласаи иттиҳодия баррасишуда (маърӯза, маълумотнома ва баромадҳо, нақшаи дарсҳои кушод ва сенарияҳо);

-корҳои эҷодии омӯзгорон, ки бо тавсияи иттиҳодияи методӣ нашр шудааст;

-дафтари қайди иштирок ба дарсҳои якдигари омӯзгорон;

-нақшаи чорабиниҳои беруназсинфии омӯзгорон;

-номгӯи мавзуъҳои методии ба таҳсилҳои педагогӣ пешниҳод ва баррасигардида;

**Намунаи дастурамали вазифавии роҳбари иттиҳодияи методӣ**

| | |
|---|---|
| “Мувофиқа карда шуд”<br>Муовини директор оид ба корҳои таълимии МТМУ №24<br>Бозоров Раҳматулло<br>«________» ________ 2024 | Бо қарори шурои педагогии МТМУ №24-и шаҳри Кӯлоб аз «______» ________ 2024, №______<br>баррасӣ ва тасдиқ гардидааст. |

**Дастурамали**
**вазифавии роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ**

## 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Роҳбари иттиҳодияи методӣ шахсе мебошад, ки аз ҷониби роҳбарияти муассисаи таълимӣ интихоб шуда, фаъолияти методии омӯзгоронро ҳамоҳанг месозад.

1.2. Дар фаъолияти худ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, санадҳои меъёрии соҳаи маориф, Оинномаи муассисаи таълимӣ ва низомномаи иттиҳодияи методӣ такя мекунад.

1.3. Дар назди муовини директор оид ба корҳои таълим ҳисобот медиҳад.

## 2.ВАЗИФАҲОИ АСОСӢ

2.1. Ташкили фаъолияти методӣ:

- Роҳбарӣ ва ҳамоҳангсозии кори методии омӯзгорони фанни дахлдор;
- Омӯзиш ва ҷорӣ намудани усулҳои муосири таълим дар раванди таълим;
- Коркард ва татбиқи нақшаи кори иттиҳодияи методӣ;

2.2.Баланд бардоштани малакаи омӯзгорон:

- Ташкили курсҳои такмили ихтисос, семинарҳо, маҳфилҳои методӣ, машваратҳои августӣ ва омӯзишҳо;
- Дастгирии омӯзгорони ҷавон ва ҳамкорӣ дар раванди таҷрибаомӯзии онҳо;
- Омӯзиши таҷрибаи пешқадам ва паҳн кардани он байни омӯзгорон.

2.3.Назорат ва таҳлил:

- Назорати иҷрои нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо ва сифати дарсдиҳӣ;

-Таҳлили натиҷаҳои таълим ва сифати дониши хонандагон;

- Пешниҳодҳо барои беҳтар кардани сифати таълим;

2.4.Таъминоти ҳамкорӣ ва рушди эҷодӣ:

- Ташкили ҳамкории омӯзгорон бо марказҳои илмӣ, омӯзишгоҳҳо ва дигар муассисаҳо;

- Рушди лоиҳаҳои эҷодӣ ва барномаҳои навоварӣ дар соҳаи методикаи таълим.

## 3.ҲУҚУҚҲОИ РОҲБАРИ ИТТИҲОДИЯИ МЕТОДӢ

3.1.Пешниҳод намудани таклифҳо оид ба такмил додани барномаҳои таълимӣ ва методикаи таълим.

3.2.Пешниҳод кардани омӯзгорон барои қадрдонӣ, ҳавасмандгардонӣ, ё такмили ихтисос.

3.3.Ширкат дар ҷаласаҳои роҳбарият ва ироаи ҳисобот оид ба фаъолияти методӣ.

## 4.МАСЪУЛИЯТИ РОҲБАРИ ИТТИҲОДИЯИ МЕТОДӢ

4.1.Барои иҷрои босифати вазифаҳои методӣ ва ҳамоҳангсозии раванди таълим.

4.2.Барои риояи санадҳои меъёрӣ ва таълимиву методӣ.

4.3.Барои сари вақт таҳия ва иҷро намудани нақшаи кории иттиҳодияи методӣ.

## 5.МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

Ин дастурамал барои самаранок ва босифат пеш бурдани фаъолияти роҳбари иттиҳодияи методӣ таҳия шудааст ва ба баланд бардоштани сифати таълим ва рушди касбии омӯзгорон мусоидат мекунад.

**Намунаи протоколи ҷаласаи иттиҳодияи методӣ**

Протоколи
ҷаласаи иттиҳодияи методии омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик

аз «____» ______ 2024 сол №____

Иштирок намуданд:
Қурбонов Абдусамад-раиси ҷаласа
Насимов Комронҷон-омӯзгор
Сафаров Худоёрҷон-омӯзгор
Моҳираи Ҷӯрахон-омӯзгор

Иштирок накарданд: ____ нафар
босабаб:_____нафар
бесабаб: _____нафар

Рӯзномаи ҷаласа:

1.Таҳлилу ҷамъбасти фаъолияти иттиҳодияи методии омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик дар соли таҳсили 2023-2024 ва муайян намудани вазифаҳо барои соли хониши 2024-2025. Баррасӣ, муҳокима ва қабули нақшаи солонаи иттиҳодияи методӣ.

2.Мавриди муҳокима қарор додани нақшаҳои тақвимӣ-мавзуии омӯзгорон ва барои тасдиқ пешниҳод кардани онҳо.

3.Ба саҳми омӯзгорон расонидани ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии меъёрии соҳа ва дастурҳои нави методӣ.

Аз рӯйи масъалаи аввали рӯзномаи ҷаласа роҳбари иттиҳодияи методӣ Қурбонов Абдусамад баромад намуда, фаъолияти кори иттиҳодияи методии омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷикро дар соли таҳсили 2023-2024 қаноатбахш арзёбӣ намуда, қайд намуд, ки дар соли сипаришуда аз тарафи омӯзгорони иттиҳодия 5 дарси намунавӣ, 3 викторинаи фаннӣ, 5 ҳафтаи адабӣ ва 6 ҳафтаи фаннӣ гузаронида шуд. Омӯзгорони иттиҳодияи методӣ дар

озмунҳои муассисаю ноҳиявӣ хонандагонро омода намуда, ҷойҳои намоёнро соҳиб мешаванд. Сипас, аъзоёни иттиҳодияи методӣ фикру мулоҳизаҳои худро оид ба фаъолияти кори иттиҳодияи методӣ баён намуда, масъалаҳои барои соли таҳсили 2024-2025 ба нақша гирифташударо баррасӣ намудаанд.

**Оид ба масъалаи якум ҷаласаи иттиҳодияи методӣ тавсия медиҳад:**

1. Ҳисоботи роҳбари иттиҳодияи методии омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик маъқул шуморида шавад;
2. Вазифаҳо барои соли таҳсили 2024-2025 ҷиддан омӯхта шавад;
3. Назорати иҷрои қарори макурро ба зиммаи худ мегирам.

Аз рӯйи масъалаи дуюм омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик Сафаров Худоёрҷон баромад намуда, қайд намуд, ки нақшаҳои тақвимӣ-мавзуии фаъолияти таълимии омӯзгорро дар давоми сол вобаста ба синфи муайян нишон дода, дуруст ба роҳ мондани он метавонад ба сифати кори таълим таъсири мусбӣ расонад. Ҳамаи омӯзгорон нақшаҳои тақвимӣ-мавзуии хешро дар асоси барномаи таълимии фан ва дар муқоиса бо китоби дарсӣ таҳия намуда, талаботи стандарти таҳсилоти умумӣ ва стандарти фаҳсилоти фанниро риоя намудаанд. Пас аз баррасии нақшаҳои тақвимӣ-мавзуи ҷаласаи иттиҳодияи методӣ нақшаҳои тақвимиро барои тасдиқ пешниҳод намуд.

Оид ба масъалаи дуюм ҷаласаи иттиҳодияи методӣ тавсия медиҳад:

1. Баромади омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик Сафаров Худоёрҷон маъқул ҳисобида шавад;
2. Нақшаҳои тақвимӣ-мавзуии омӯзгорони шомили иттиҳодия тасдиқ карда шавад;

3. Нақшаҳои тақвимӣ-мавзуӣ барои тасдиқ ба шурои педагогии муассиса пешниҳод карда шавад;

4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи котиби ҷаласа гузошта шавад.

Аз рӯи масъалаи сеюм раиси ҷаласа Қурбонов Абдусамад баромад намуда, қайд намуд, ки омӯзиши санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа барои пешрафти кори соҳа, тартиби дурусти фаъолият, вазифаҳо ва уҳдадориҳои омӯзгор муҳим мебошад. Омӯзгорон бояд пайваста ба омӯзиши қонунҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ машғул шуда, маҳорати касбӣ ва ҳуқуқии хешро ғанӣ гардонанд. Риояи стандартҳо ва қонунҳои амалкунандаи соҳа метавонад ба омӯзгорон дар рафти дарсҳо ва корҳои беруназсинфӣ ва беруназмуассисавӣ кумак намояд. Риояи талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарзи касбии омӯзгорон мебошад. Омӯзиши ин санадҳоро аъзоёни ҷаласа баррасӣ намуда, барои тасдиқ пешниҳод намуданд.

Оид ба масъалаи дуюм ҷаласаи иттиҳодияи методӣ тавсия медиҳад:

1. Баромади роҳбари иттиҳодияи методӣ Қурбонов Абдусамад маъқул шуморида шавад;
2. Омӯзиши санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳа мунтазам ба роҳ монда шавад;
3. Аз омӯзгорон талаб карда мешавад, ки ҳар се моҳа оид ба омӯзиши сандҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ҳисобот пешниҳод намоянд;
4. Назорати иҷрои қарори мазкурро ба зиммаи худ мегирам.

Дар масъалаҳои ҷорӣ оид ба интизоми меҳнат, тартиби иштирок ба дарсҳои ҳамдигар, истифодаи усулҳои фаъол дар дарсҳо, гузаронидани чорабиниҳои муассисавӣ, дарсҳои кушод маслиҳат дода шуд.

Раиси ҷаласа / / Қурбонов Абдусамад

Котиб: / / Моҳираи Ҷӯрахон

**Намунаи варақаи мушоҳидаи дарс[7]**

Таърихи рӯз:____________________________________________
Ному насаби муаллим ___________________________________
Синф_______
Шумораи хонандагон__________ писар_______ духтар_______
Вақт_________
Фанни таълимӣ:_________________________________________
Мавзуъ:_______________________________________________
Мақсад:_______________________________________________
______________________________________________________

| **Рафти дарс** | | |
|---|---|---|
| **Пурсишҳо** | Ҳа ё не | Эзоҳ |
| Оё мақсадҳои умумӣ ва аниқи дарс фаҳмо ҳаст? | | |
| Оё зинаҳои дарс фаҳмоянд? | | |
| Муаллим нақшаи тақвимӣ дорад? | | |
| Муаллим нақшаи дарсӣ дорад? | | |
| Суръати дарс нағз рафта истодааст, мувофиқи мавзуъ ҳаст ё не? | | |
| Муаллим фаъолиятҳои гуногунро истифода мебарад? | | |

7.Эзоҳ: Намунаи варақаи таҳлили дарс дар ду шакл оварда шудааст, ки омӯзгорон метавонанд яке аз онҳоро маъқул шуморида, дар таҳлили дарс истифорда баранд.

| Истифодаи ашёҳои таълим | | |
|---|---|---|
| Тарзи гуфтори муаллим дар синф фаҳмо аст ё не? | | |
| Оё муаллим вақти дарсро самаранок истифода мебарад? | | |
| Оё муаллим маводҳои дарсиро аз назар гузаронид ё не? | | |
| Оё муаллим намоишҳо оид ба корҳои эҷодии хонандагон дорад ва нишон дода метавонад? | | |
| Оё муаллим аз хонандагони синфҳои беҳтарини муассиса истифода мебарад? | | |
| **Идоракунии синф** | | |
| Оё ҳамаи хонандагон дар дарс иштирок мекунанд? | | |
| Оё хонандагон дар дарс фаъоланд? Чанд нафар? | | |
| Оё интизоми хонандагон нағз аст, қоидаҳои дасти боло? | | |
| Оё корҳои фардӣ, дукаса ва гурӯҳбандӣ ба аҳли синф мувофиқанд? | | |
| Оё муаллим хонандагони фаъолро дар вақти ҷавоб додан дастгирӣ мекунад? | | |
| Оё муаллим усулҳои мувофиқи саволгузориро истифода мебарад? | | |
| Оё муаллим шаклҳои гуногуни саволгузориро (1,2,3) истифода мебарад? | | |
| Оё муаллим вақтро самаранок истифода мекунад? | | |
| **Иҷрои нақша** | | |
| Оё хонандагон дар дарс ҳавасманд ва фаъол ҳастанд? | | |
| Оё дарс ба таҷрибаи ҳаёташон мувофиқ аст? | | |
| Оё дарс ба қобилияти хонандагон мувофиқ аст? | | |

| | | |
|---|---|---|
| Оё муаллим фаъолиятҳоро аз рӯйи қобилияти хонандагон дигаргун месозад? | | |
| Оё ба хонандагони қобилияти махсусдошта такя мекунад. | | |
| Оё муаллим ба хонандагон баҳои муносиб мегузорад? | | |
| Оё муаллим ба хонандагон мақсади дарсро фаҳмонда медиҳад? | | |
| Мақсадҳои умумӣ ва аниқи дарс иҷро шуданд? | | |
| **Сифатҳои шахсии муаллим** | | |
| Оё муаллим ба дарс шавқу ҳавас дорад? | | |
| Тарзи суханронии муаллим озодона аст, яъне муаллим бо овози мулоим гап мезанад? | | |
| Оё муаллим ҷиҳатҳои мусбӣ ва рӯҳбаландкуниро дорад? | | |
| Оё муаллим хонандагонеро, ки хуб ба саволҳо ҷавоб медиҳанд, таъриф мекунад? | | |
| Оё муаллим метавонад, ки тарафҳои хуб, норасоӣ ва дигар ҷиҳатҳои дарсро муайян кунад? | | |
| Сари вақт супориши вазифаи хонагӣ ва арзёбии хонандагон гузаронида шуд, ё не? | | |

Тавсияҳои методӣ:
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________

Хулоса__________________________________________
________________________________________________
________________________________________________

Имзои муаллим / / Сафаров Худоёрҷон

Имзои мушоҳидачӣ / / Қурбонов Абдусамад

**Бонки маълумот дар бораи аъзоёни иттиҳодияи методии фанҳои забон ва адабиёти тоҷик**

| № | Ному насаби омӯзгорон | Соли таваллуд | Маълумот | Собиқаи корӣ | Ихтисос | Тахассус | Курси такмили ихтисос | | Аттестатсия | | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | Соли гузаштан | Навбатӣ | Соли гузаштан | Навбатӣ | |
| 1. | Умаров Саидшо | 1998 | олӣ | 5 | Забон ва адабиёт | 2 | 2023 | 2026 | 2023 | 2028 | |
| 2. | Насимов Комронҷон | 1990 | олӣ | 10 | Забон ва адабиёт | олӣ | 2022 | 2025 | 2023 | 2028 | |
| 3. | Раҷабова Сурайё | | | | | | | | | | |
| 4. | Каримова Муниса | | | | | | | | | | |
| 5. | Турсунова Раҷабӣ | | | | | | | | | | |
| 6. | Абдулоев Нусратуло | | | | | | | | | | |
| 7. | Таваров Муҳамад | | | | | | | | | | |

## Нақшаи баргузор намудани дарсҳои намунавӣ аз тарафи омӯзгорони иттиҳодияи методии фанҳои забон ва адабиёти тоҷик

| № | Ному насаби омӯзгорон | Номи фан | Синф | Моҳҳо | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Сентябр | Октябр | Ноябр | Декабр | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн |
| 1. | Умаров Саидшо | Забони тоҷикӣ | 5 | ■ | | | | | | | ■ | | |
| 2. | Насимов Комронҷон | Адабиёти тоҷик | 6 | | ■ | | | | | | | ■ | |
| 3. | Раҷабова Сурайё | Маърифати оиладорӣ | 5 | | | ■ | | | | | | | ■ |
| 4. | Каримова Муниса | Забони тоҷикӣ | 7 | | | | ■ | | | | | | |
| 5. | Турсунова Раҷабӣ | Адабиёти тоҷик | 9 | | | | | ■ | | | | | |
| 6. | Абдуллоев Нусратулло | Забони тоҷикӣ | 10 | | | | | | ■ | | | | |
| 7. | Таваров Муҳаммад | Адабиёти тоҷик | 11 | | | | | | | ■ | | | |

**Нақшаи кор бо хонандагони сустхон аз тарафи омӯзгорони иттиҳодияи методии фанҳои забон ва адабиёти тоҷик**

| № | Ному насаби омӯзгорон | Фанни таълимӣ | Рӯзи ҳафта |
|---|---|---|---|
| 1. | Умаров Саидшо | Забони тоҷикӣ | Сешанбе |
| 2. | Насимов Комронҷон | Адабиёти тоҷик | |
| 3. | Раҷабова Сурайё | М.оиладорӣ | Панҷшанбе |
| 4. | Каримова Муниса | Забони тоҷикӣ | |
| 5. | Турсунова Раҷабӣ | Адабиёти тоҷик | Сешанбе |
| 6. | Абдуллоев Нусратулло | Забони тоҷикӣ | |
| 7. | Таваров Муҳаммад | Адабиёти тоҷик | Панҷшанбе |

**Нақшаи баргузории маҳфилҳо аз тарафи омӯзгорони иттиҳодия**

| № | Ному насаби омӯзгорон | Номи маҳфил | Рӯзи ҳафта |
|---|---|---|---|
| 1. | Умаров Саидшо | Забоншинос | Сешанбеи ҳафтаи аввали моҳ |
| 2. | Насимов Комронҷон | Адабиётшинос | Панҷшанбеи ҳафтаи аввали моҳ |

**Нақшаи вобаста намудани омӯзгорон ҷавон ба омӯзгорони пуртаҷриба**

| № | Ному насаби мутахассиси ҷавон | Ихтисос | Ба ки вобаста карда мешавад Ному насаб | Ихтисос |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Умаров Саидшо | Забон ва адабиёти тоҷик | Рустамшозода Шаҳбоз | Забон ва адабиёти тоҷик |
| 2. | Насимов Комронҷон | Забон ва адабиёти рус | Нусратова Лайлӣ | Забон ва адабиёти рус |

**Намунаи нақшаи кори солонаи иттиҳодияи методии фанни забон ва адабиёти тоҷик[8]**

| т/р | Номгӯи чорабиниҳо | Муҳлати иҷро | Шакли гузаронидан | Шахси масъул |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Муҳокима ва тасдиқи нақшаи кории иттиҳодияи методӣ | Август | Суҳбат | Роҳбари иттиҳодияи методӣ |
| 2. | Муҳокимаи нақшаи тақвимии омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик | Август | Суҳбат | Аъзоёни иттиҳодияи методӣ |
| 3. | Мувофиқи талабот ҷиҳозонидани кабинетҳои фаннӣ дар муассиса | Доимӣ | Суҳбат | Омӯзгорони фанни забон ва адабиёт |
| 4. | Ба нақша гирифтани чорабиниҳои берун азсинфӣ дар соли хониши нав | Сентябр | | Аъзоёни иттиҳодияи методӣ |
| 5. | Дар сатҳи баланд гузаронидани ҷашнвораи адибон:<br>а) Забони миллат-ҳастии миллат<br>б) 22-юми сентябр Рӯзи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ҳафтаи Рӯдакихонӣ<br>в) 30-юми сентябр Рӯзи Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ | Сентябр – октябр | Чорабиниҳои гуногуни илмӣ, фарҳангӣ ва варзишӣ | Омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик |

8.Эзоҳ: Нақшаи мазкур дар доираи иттиҳодияи методии омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик таҳия карда шудааст. Иттиҳодияи методии дигар фанҳо метавонанд дар ҳамин шакл вобаста ба фанҳои таълимии худ мавзуъҳо гузошта, таҳия намоянд.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 6. | Санҷиши дафтари хаттӣ | Мувофиқи нақша | Санҷиш | Роҳбари иттиҳодияи методӣ |
| 7. | Машғулияти амалӣ-дарси кушод аз фанни забони тоҷикӣ | Мувофиқи нақша | Дарси намунавӣ | Роҳбари иттиҳодияи методӣ ва омӯзгорони иттиҳодия |
| 8. | Иштирок дар дасрҳои омӯзгорон | Мунтазам | Мунтазам | Роҳбари иттиҳодияи методӣ ва омӯзгорон |
| 9. | Гузаронидани ҳафтаи фаннӣ:<br>а) таҷлили рӯзи забони тоҷикӣ дар байни хонандагон дар басти аввал<br>б) «Забон ва бузургии он»- гузаронидани чорабинӣ дар байни хонандагони синфҳои 5-7<br>в) истифодаи гуфтаҳои Пешвои миллат дар бораи бузургии забон дар дарсҳо<br>г) омӯзиши асари Пешвои миллат «Забони миллат ҳастии миллат» | Аввали моҳи октябр | | Омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик |
| 10. | «Панди Ҳофиз бишнав, хоҷа бирав некӣ кун»- 12 октябр Рӯзи Ҳофиз Шерозӣ | Октябр | | Роҳбари иттиҳодияи методӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 11. | Маърӯзаи методӣ дар мавзуи «Пешвои миллат - роҳнамои забони тоҷик» | Октябр | | Роҳбари иттиҳодияи методӣ |
| 12. | Суҳбати ҷонпарвар аст, суҳбати омӯзгор | | | Роҳбари иттиҳодияи методӣ |
| 13. | Санҷиши ҳолати дафтардорӣ дар синфҳои 5-6 | Давоми сол | Таҳлил | Роҳбари иттиҳодияи методӣ |
| 14. | «Фурӯғи субҳи донои китоб аст» озмун дар Байни хонандагони синфҳои 5,6,7,8 аз рӯйи асарҳои устод Садриддин Айнӣ, «Мактаби кӯҳна», «Одина», «Ятим» ва «Аҳмади девбанд» | Давоми сол | Суҳбат, таҳлил ва баррасӣ | Роҳбари иттиҳодияи методӣ |
| 15. | Аз назар гузаронидани тарзи навиштани нақшаҳои дарсии яксоатаи дарсӣ | Мунтазам | Таҳлил | Роҳбари иттиҳодияи методӣ |
| 16. | Иштирок дар дарсҳои омӯзгорон | Ноябр | Таҳлил | Роҳбари иттиҳодияи методӣ |
| 17. | Маърӯзаи методӣ дар мавзуи- Симои намоёни асри XV Абдураҳмони Ҷомӣ | Ноябр | Таҳлил | Роҳбари иттиҳодияи методӣ |
| 18. | Викторинаи адабӣ дар мавзуи «Баҳористон»- асари тарбиявӣ» | Давоми сол | Таҳлил ва баррасӣ | Хонандагони синфҳои 9 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 19. | Санҷиши ҳолати истифодаи китобҳои дарсӣ аз фанни забон ва адабиёти тоҷик дар синфҳо | Мунтазам | Муҳокима | Аъзоёни иттиҳодияи методӣ ва китобдори муассиса |
| 20. | «Шоҳнома» асари безаволи ҷаҳонӣ: «Шоҳномахонӣ» | Давоми сол | шоҳномахонӣ | Роҳбари иттиҳо-дияи методӣ |
| 21. | Маърӯзаи методӣ дар мавзуи «Нақши адабиёт дар тарбияи ватандӯстии хонандагон» | Декабр | Таҳлил ва муҳокима | Роҳбари иттиҳодияи методӣ |
| 22. | Умари Хайём - устоди жанри рубоӣ | Декабр | Рӯбоисароӣ, конфренси адабӣ | Хонандагони синфи 9 |
| 23. | Машғулияти амалӣ: Иштирок ба дарсҳо ва таҳлили он | Давоми сол | Таҳлил ва муҳокима | Аъзоёни иттиҳодияи методӣ |
| 24. | Гузаронидани озмуни байтбарак дар байни хонандагони синфи 5,6,7 | Давоми сол | Таҳлил ва баррасӣ | Омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик |
| 25. | Рафти тайёрӣ-барои иштироки хонандагон дар озмунҳои фаннӣ | Давоми сол | Таҳлил | Аъзоёни иттиҳодияи методӣ |
| 26. | Озмуни «Хаттотони беҳтарин» | Давоми сол | Таҳлил | Аъзоёни иттиҳодияи методӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 27. | Маърӯзаи методӣ дар мавзуи Истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик. Таҳлили дарсҳо | Давоми сол | Таҳлил ва муҳокима | Роҳбари иттиҳодияи методӣ |
| 28. | Таҷрибаивазкунӣ-ҳамкорӣ бо омӯзгорони ҷавон, иштироки онҳо ба дарсҳо | Давоми сол | Таҳлил ва муҳокима | Роҳбари иттиҳодияи методӣ |
| 29. | Ҳолати иҷроиши барномаи забон ва адабиёти тоҷик дар нимсолаи якум, ҳазми барномаи таълимӣ | Январ | Муҳокима | Роҳбари иттиҳодияи методӣ |
| 30. | «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» озмуни «Китобхони беҳтарин» | Давоми сол | Баррасӣ намудан | Мудири китобхона |
| 31. | Санҷиши тестии дониши хонандагони синфи 9 аз фанни забон ва адабиёти тоҷик | Апрел | Таҳлил ва муҳокима | Роҳбари иттиҳодияи методӣ |
| 32. | Салоҳиятнокӣ дар дарс ва маҳорати касбии омӯзгорон-гузаронидани дарсҳо | Мунтазам | Таҳлил ва баррасӣ | Роҳбари иттиҳодияи методӣ |
| 33. | Ҳолати санҷиши дафтарҳои даврӣ дар синфҳои 9-10 | | Таҳлил ва баррасӣ | Роҳбари иттиҳодияи методӣ |
| 34. | Ҳолати гузаронидани инкишофи нутқи мураттаб дар синфҳои 5-6, навиштани ҳикояча, лавҳа, эълон | Апрел | Таҳлил ва муҳокима | Роҳбари иттиҳодияи методӣ |
| 35. | Эссе ва хусусиятҳои он чун кори эҷодии хонанда дар синфҳои 10-11 | Март | Таҳлил ва муҳокима | Роҳбари иттиҳо-дияи методӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 36. | «Наврӯзнома»-и Умари Хайём ва хусусиятҳои таҷлили иди Наврӯз дар он | Мунтазам | Сӯҳбат | Аъзоёни иттиҳодияи методӣ |
| 37. | Луғатомӯзӣ, санҷиши дафтарҳои луғат дар синфҳои 5-9 | Мунтазам | Таҳлил ва баррасӣ | Роҳбари иттиҳодияи методӣ |
| 38. | Машғулияти амалӣ иштирок дар дарсҳо ва таҳлили он | Мунтазам | Таҳлил ва муҳокима | Роҳбари иттиҳодияи методӣ |
| 39. | «Панднома»-и Аттори Нишопурӣ беҳтарин роҳнамо, бахшида ба Рӯзи Аттори Нишопурӣ | Мунтазам | Баромади хонандагон | Аъзоёни иттиҳодияи методӣ |
| 40. | «Умри Айнӣ аз барои халқ сарфи хома шуд», бузургдошти Садриддин Айнӣ | Апрел | Саволу ҷавоб | Роҳбари иттиҳодияи методӣ |
| 41. | Саъдӣ паёмбари ғазал, бахшида ба рӯзи Саъдӣ Шерозӣ | Давоми моҳи апрел | Ғазалсароӣ | Аъзоёни иттиҳодияи методӣ |
| 42. | Гузаронидани озмуни «Луғатдони беҳтарин» дар байни хонандагони синфи 7-8. Истифодаи асарҳои Президенти кишвар дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик | Май | Таҳлил ва муҳокима | Аъзоёни иттиҳодияи методӣ |
| 43. | Санҷиши тестӣ аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар синфи 11 | Май | Таҳлил ва муҳокима | Роҳбари иттиҳодияи методӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 44. | Мавзуи ватандӯстӣ дар «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ, азхудкунии достонҳои қаҳрамонию паҳлавонӣ аз тарафи хонандагони синфҳои 10-11 | Мунтазам | Таҳлил ва баррасӣ | Аъзоёни иттиҳодияи методӣ |
| 45. | Ҳолати баҳогузорӣ ва корҳои хаттӣ дар синфҳои 10-11 | Давоми сол | Суҳбат | |
| 46. | Ҳолати иҷроиши ҳазми барномаи таълимӣ дар давоми сол | Моҳи май | Таҳлил ва баррасӣ | |
| 47. | Рафти омодагӣ ба аттестатсияи гузариш ва хатм | Моҳи май-июн | Суҳбат | Аъзоёни иттиҳодияи методӣ |
| 48. | Ҷамъбасти кори солонаи иттиҳодияи методӣ | Моҳи июн | Шурои педагогӣ | Маъмурият |

## СЕНТЯБР-ОКТЯБР[9]

| т/р | Номгӯи чорабиниҳо | Мухлати иҷро | Шакли гузаронидан | Шахси масъул |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Муҳокима ва тасдиқи нақшаи кории иттиҳодияи методӣ | Сентябр | Суҳбат | Директори муассиса |
| 2. | Муҳокимаи нақшаи тақвимии омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик | Сентябр | Суҳбат | Аъзоёни иттиҳодияи методӣ |

[9].Нақшаи моҳонаи кори иттиҳодияи методӣ дар асоси нақшаи кори солонаи иттиҳодияи методӣ тартиб дода мешавад. Он аз тарафи директори муассисаи таълимӣ ҳар моҳ тасдиқ карда мешавад.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 3. | Мувофиқи талабот ҷиҳозонидани утоқҳои фаннӣ дар муассиса | Давоми сол | Суҳбат | Омӯзгорони фанни забон ва адабиёт |
| 4. | Ба нақша гирифтани чорабиниҳои беруназсинфӣ дар соли хониши нав | Давоми сол | Нақшаи чорабиниҳо | Аъзоёни иттиҳодияи методӣ |
| 5. | Дар сатҳи баланд гузаронидани ҷашнвораи адибон:<br>а) Забони миллат-ҳастии миллат<br>б) 22-юми сентябр Рӯзи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ҳафтаи Рӯдакихонӣ<br>в) 30-юми сентябр Рӯзи Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ | Сентябр | Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои гуногуни таълимӣ | Роҳбари иттиҳодияи методӣ |
| 6. | Санҷиши дафтарҳои хаттӣ | Октябр | Мунтазам | |
| 7. | Машғулияти амалӣ-дарси кушод аз фанни забони тоҷикӣ дар синфи 9 | Октябр | | |
| 8. | Иштирок дар дасрҳои омӯзгорон | | Мувофиқи нақша | |
| 9. | Гузаронидани ҳафтаи фаннӣ:<br>а) таҷлили Рӯзи Забони давлатӣ дар байни хонандагон дар басти аввал<br>б) «Забон ва бузургии он»- гузаронидани чорабинӣ дар байни хонандагони синфҳои 5-7<br>в) истифодаи суханрониҳои Пешвои | Октябр | | Аъзоёни иттиҳодияи методӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | миллат дар бораи бузургии забон дар дарсҳо<br>г) омӯзиши асари Пешвои миллат «Забони миллат - ҳастии миллат» | | | |
| 10. | «Панди Ҳофиз бишнав, хоҷа бирав некӣ кун»- бахшида ба Рӯзи Ҳофизи Шерозӣ | Октябр | | |
| 11. | Маърӯзаи методӣ дар мавзуи «Пешвои миллат - ҳомии забони тоҷик» | Октябр | | |

## НОЯБР-ДЕКАБР

| т/р | Номгӯи чорабиниҳо | Муҳлати иҷро | Шакли гузаронидан | Шахси масъул |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Санҷиши ҳолати дафтардорӣ дар синфҳои 5-6 | 5,6,11.2024 | Таҳлил | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |
| 2. | «Фурӯғи субҳи донои китоб аст» озмун дар байни хонандагони синфҳои 5,6,7,8 аз рӯйи асарҳои устод Садриддин Айнӣ, «Мактаби куҳна», «Одина», «Ятим» ва «Аҳмади девбанд» | Дар давоми сол | Суҳбат, таҳлил ва баррасӣ | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |
| 3. | Аз назар гузаронидани тарзи навиштани нақшаҳои дарсӣ | Мунтазам | Таҳлил | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |
| 4. | Иштирок дар дарсҳои адабиёти тоҷик | Ноябр | Таҳлил | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |
| 5. | Маърӯзаи методӣ дар мавзуи-Симои намоёни асри XV, Абдураҳмони Ҷомӣ | Ноябр | Таҳлил | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 6. | Викторинаи адабӣ дар мавзуи “Баҳористон”-асари тарбиявӣ!» | Дар давоми сол | Таҳлил ва баррасӣ | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |
| 7. | Санҷиши ҳолати китобҳои дарсӣ аз фанни забон ва адабиёти тоҷик дар синфҳо | Мунтазам | Муҳокима | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |
| 8. | «Шоҳнома»-асари безаволи ҷаҳонӣ. «Шоҳномахонӣ» | Давоми сол | | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |
| 9. | Маърӯзаи методӣ дар мавзуи «Нақши адабиёт дар тарбияи ватандӯстии хонандагон» | Декабр | Таҳлил ва муҳокима | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |
| 10. | Умари Хайём - устоди жанри рубоӣ | Декабр | Рӯбоисароӣ | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |
| 11. | Машғулияти амалӣ дар мавзуи Иштирок ба дарсҳо ва таҳлили он | Декабр | Таҳлил ва муҳокима | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |
| 12. | Гузаронидани озмуни байтбарак дар байни хонандагони синфи 5-6 ва7 | Декабр | Таҳлил ва баррасӣ | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |
| 13. | Рафти омодагӣ барои иштироки хонандагон дар озмунҳои фаннӣ | Декабр | Таҳлил | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |
| 14. | Озмуни «Хаттотони беҳтарин» | Давоми сол | Таҳлил | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |

**ЯНВАР -ФЕВРАЛ**

| т/р | Номгӯи чорабиниҳо | Муҳлати иҷро | Шакли гузаронидан | Шахси масъул |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Рафти тайёрӣ-барои иштироки хонандагон дар озмунҳои фаннӣ | Январ | Таҳлил | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2. | Озмуни «Хаттотони беҳтарин» | Январ | Таҳлил | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |
| 3. | Маърӯзаи методӣ дар мавзуи Истифодаи усулҳои фаъол дар дарсҳои забон ва адабиёт. Таҳлили дарсҳо | Январ | Таҳлил ва муҳокима | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |
| 4. | Таҷрибаивазкунӣ-ҳамкорӣ бо омӯзгорони ҷавон, иштироки онҳо ба дарсҳо | Давоми сол | Таҳлил ва муҳокима | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |
| 5. | Ҳолати иҷроиши барномаи забон ва адабиёти тоҷик дар нимсолаи якум, ҳазми барномаи таълимӣ | Январ | Муҳокима | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |
| 6. | «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» озмуни «Китобхони беҳтарин» | Давоми сол | Барраси | Мудири китобхона |
| 7. | «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» озмуни «Китобхони беҳтарин» | Давоми сол | Баррасӣ | Мудири китобхона |
| 8. | Ҳолати санҷиши дафтарҳои даврӣ дар синфҳои 9-10 | Феварл | Таҳлил ва баррасӣ | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |

**МАРТ-АПРЕЛ**

| т/р | Номгӯи чорабиниҳо | Муҳлати иҷро | Шакли гузаронидан | Шахси масъул |
|---|---|---|---|---|
| 1. | «Наврӯзнома»-и Умари Хайём ва хусусиятҳои таҷлили иди Наврӯз дар он | Мунтазам | Суҳбат | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |
| 2. | Луғатомӯзӣ, санҷиши дафтарҳои луғат дар синфҳои5-9, кор аз рӯи фармоиши ВМҶТ | Мунтазам | Таҳлил ва баррасӣ | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |
| 3. | Эссе ва хусусиятҳои он чун кори эҷодии | Март | Таҳлил ва | Роҳбари ИМ ва |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | хонанда дар синфҳои 10-11 | | муҳокима | омӯзгорон |
| 4. | Санҷиши тестии дониши хонандагони синфи 9 аз фанни забон ва адабиёти тоҷик | Апрел | Таҳлил ва муҳокима | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |
| 5. | Машғулияти амалии иштирок дар дарсҳо ва таҳлили он | Апрел | Таҳлил ва муҳокима | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |
| 6. | «Панднома»-и Аттори Нишопурӣ беҳтарин роҳнамо, бахшида ба рӯзи Аттор Нишопурӣ | Апрел | Баромади хонандагон | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |
| 7. | «Умри Айнӣ аз барои халқ сарфи хома шуд», бузургдошти Садриддин Айнӣ | Апрел | Саволу ҷавоб | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |
| 8. | Саъдӣ Шерозї-паймбари ғазал, бахшида ба гиромидошти Саъдӣ Шерозӣ | Давоми моҳ | Ғазалсарой | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |

## МАЙ-ИЮН

| т/р | Номгӯи чорабиниҳо | Муҳлати иҷро | Шакли гузаронидан | Шахси масъул |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Гузаронидани озмуни «Луғатдони беҳтарин» дар байни хонандагони синфи 7-8. Истифодаи асарҳои Президенти кишвар дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик | Май-июн | Таҳлил ва муҳокима | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |
| 2. | Санҷиши тестӣ аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар синфи 11 | Май-июн | Таҳлил ва муҳокима | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 3. | Мавзуи ватандӯстӣ дар «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ, азхудкунии достонҳои қаҳрамонию паҳлавонӣ аз тарафи хонандагони синфҳои 10-11 | Май-июн | Таҳлил ва баррасӣ | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |
| 4. | Ҳолати баҳогузорӣ ва корҳои хаттӣ дар синфҳои 10-11 | Май-июн | Суҳбат | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |
| 5. | Ҳолати иҷроиши ҳазми барномаи таълимӣ дар давоми сол | Май-июн | Таҳлил ва баррасӣ | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |
| 6. | Рафти тайёрӣ ба аттестатсияи гузариш ва хатм | Май-июн | Суҳбат | Роҳбари ИМ ва омӯзгорон |

**Нақшаи намунавии худомӯзии омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик[10]**

«Тасдиқ мекунам»
Директори МТУА №26-и
н.Муъминобод __________ Холиқов С.
«________» ____________ 2024 сол

Нақшаи худомӯзии
омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики Муассисаи таҳсилоти умумии асосии №26-и ноҳияи Муъминобод Қурбонов Абдусамад дар соли хониши 2024-2025

Нақшаи худомӯзӣ дар ҷаласаи иттиҳодияи методии омӯзгорони фанҳои гуманитарӣ аз 26.08.2024, №1 баррасӣ ва тасдиқ карда шуд.

Роҳбари иттиҳодияи методӣ _________________Қурбонов Абдусамад

Муовини директор оид ба корҳои таълим ____________________ Раҷабов Нусратулло

[10].Нақшаи худомӯзии мазкур дар асоси фанни забон ва адабиёти тоҷик тартиб дода шудааст. Омӯзгорони дигар фанҳо метавонанд дар доираи салоҳиятҳои фаннии худ дар асоси ҳамин нақшаи худомӯзии худро тартиб диҳанд.

Нақшаи худомӯзии
омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики муассисаи таҳсилоти умумии асосии №26-и ноҳияи Муъминобод Қурбонов Абдусамад дар соли хониши 2024-2025

Мавзуи кори иттиҳодияи методӣ: «Ташкили муҳити солим дар муассиса баҳри омӯзиши фанни забон ва адабиёти тоҷик дар марҳилаи татбиқи стандарти давлатии таҳсилот»

Мавзуи кори муаллим: «Дар амал тадбиқ намудани усулҳои фаъоли таълим»

Мақсад: Баланд бардоштани савияи дониш ва маҳорати касбӣ ва дар заминаи он баланд бардоштани дараҷаи сифати дарсазхудкунии хонандагон, ҷиҳати ташаккули бошуурона ва шахсияти хонандагон.

Вазифаҳо: - муҳайё намудани имкониятҳо барои самаранокии омӯзиш;

- фаъол намудани хонандагон барои ҳавасмандии фанҳо;

- омода намудани муҳити солими таълимӣ ба дарс;

- маҳорати ташаккули мақсадгузорӣ ва дарёфти роҳу воситаҳои ноилгардӣ – расидан ба муваффақиятҳо;

- ташаккули маҳорати санҷишӣ ва худсанҷишӣ;

- ҳамроҳшавӣ дар ҷустуҷӯ ва фаъолияти эҷодӣ ва ғайра.

| Қисмҳои калон | Т/р | Мавзуъҳо | Намудҳои кор | Маводҳо | Адабиёт | Муҳлати иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1.Баланд бардош-тани дараҷаи дониши тахассусӣ | 1. | Барномаи забони тоҷикӣ - ҳамчун ҳуҷҷати давлатӣ | Аз худ кардани қисмати асосии барнома ва омӯзиши мавзуъҳои ба инкишофи нутқ бахшидашуда | Стандарт ва барномаи таълимии фанни забони тоҷикӣ (2018) | Методикаи таълими забони тоҷикӣ (2016), Барномаи забони тоҷикӣ(2006). | Мунтазам |
| | 2. | Дар амалия ҷорӣ намудани таҷрибаи аз омӯзгорони пешқадам омӯхташуда | Дида баромадани маводҳои таълимӣ (аз ҷумла китоби дарсӣ) | Китоби дарсӣ, таблитсаҳо | Омӯзиши маводҳои дар маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» чопшуда. | Мунтазам |
| | 3. | Ба инобат гирифтани хусусияти синусолии хонандагон ҳангоми машғулиятҳои таълимӣ | Омӯзиши ада-биёти илмию методӣ, аз ҷумла педагогикаю психологияи синусолӣ ва ҳам-чунин асарҳои мунтахаби педагогӣ | Китоби «Психологияи синусолӣ ва педагогӣ» (1993), «Асарҳои мунтахаби педагогӣ»(1982) | Китоби илмию методӣ ва мақолаю монографияҳо | Мунтазам |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 4. | Сиёсати пешгирифтаи Президенти кишвар оид ба ғамхорӣ дар соҳаи маориф | Омӯзиши маводҳо роҷеъ ба мавзуъ | Паёми Президенти мамлакат | Матбуоти даврӣ, радио ва телевизион | Мунтазам |
| 2.Баланд бардоштани маданияти хониши асарҳои бадеӣ | 1. | Хониши асарҳои бадеӣ аз осори адибони адабиёти муосир | Омӯзиш | Китобҳои бадеӣ (назму наср) | Асарҳои бадеӣ, Маҷаллаи «Садои Шарқ» | Мунтазам |
| | 2. | «Дохунда»-и Садриддин Айнӣ- аввалин романи реалистии тоҷик | Хониш | Асари бадеӣ. | «Куллиёт»-и Айнӣ ҷилди 2 | Бардавом |
| | 3. | Тамошо кардани барномаҳои телевизионӣ оид ба мавзуи асари бадеӣ (эпилог) | Тамошо кардан (аз телевизион), гӯш кардан (аз радио) | Телевизион ва радио | Телевизион ва радио | Бардавом |
| | 4. | Ҷустуҷӯ кардани роҳҳои наву самараноки таълиму тарбия | Омӯзиши маводҳои матбуоти даврӣ, интернет | Маводи матбуоти даврӣ, интернет | Матбуоти даврӣ, радио, телевизион, интернет | Мунтазам |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 5. | Иштирок намудан дар маҳфилҳои адабӣ ва хониши бадеӣ | Шиносоӣ бо асарҳои нави таълифшудаи бадеӣ | Маводҳои дар китобхонаи муассиса | | Мунтазам |
| | 6. | Дар амал тадбиқ намудани талаботҳои Консепсияи миллии маълумот, стандарти фанни забон ва адабиёти тоҷик | Омӯзиши Консепсияи миллии маълумот, стандарти фанни забон ва адабиёти тоҷик | Омӯзиш | Консепсияи миллии маълумот, стандарти фанни забон ва адабиёти тоҷик | Мунтазам |
| | 7. | Наср дар даврони истиқлолият | Омӯзиш | | Мавод аз «Таърихи адабиёти тоҷик» | Дар давоми соли хониш |
| | 8. | Омӯзиш ва ҷустуҷӯи роҳҳои нави омӯзиши асари бадеӣ | Суҳбат | Таърихи адабиёти тоҷик | | Мунтазам |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 9. | Нақши китоб дар ҳаёти маънавии кӯдак | Суҳбати озод бо хонандагони китобдӯст | Омӯзиш | В.А. Сухомлинс-кий «Асарҳои мунтахаби педагогӣ» | Бардавом |
| **3. Омӯзиш тавас-сути технология нави иттилоотӣ** | 1. | Омӯзиши технологияи иттилоотӣ, интернет ва тадбиқи он дар ҷараёни таълим | Кор бо компютер ва интернет | Компютер | | Мунтазам |
| **4.Роҳҳои осон аз худ кардани дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик.** | 1. | Техналогияи нави компютерӣ (тахтаи электронӣ) | Омӯхтани маводҳои дар тахтаи электрони омодашуда, кор бо компютер, тамошои филмҳои бадеӣ (Ибни Сино, Рӯдакӣ ва ғ.) | Компютер, интернет | Технологияи замонавӣ | Бардавом |

Омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики
МТУА №26-и ноҳияи Муъминобод / / Қурбонов Абдусамад

## Намунаи варақаи таҳлили дарс[11]

Омӯзгор ____________________________________________

Фан ______________________________________________

№ муассиса, шаҳр, деҳот, ноҳия, вилоят _______________________

__________________________________________________

1. Мақсади иштирок ба дарс________________________________

__________________________________________________

(омӯхтани хусусияти меҳнати омӯзгор, таҳлили таҷрибаи пешқадами педагогӣ)

__________________________________________________

(пешқадами корӣ, омӯхатани хусусияти усули пурсиши хонандагон ва ғайра)

2. Тавсифи мухтасари синф, миқдори писарон ва духтарон_______

__________________________________________________

__________________________________________________

(миқдори хонандагони нағз, сустхон ва ғайра)

3. Мавзуи дарс ________________________________________

4. Шакли таълим ______________________________________

(дарс, маърӯза, машварат, саёҳат ва ғайра)

5. Мақсади дарс _______________________________________

__________________________________________________

(зикри мақсади таълими тарбиявӣ ва ташаккулёбӣ)

__________________________________________________

(мухтасар ҷудогона ё дар умум ифода кард)

---

[11].Мақсади иштирок ба дарсҳо, ки таҷрибаомӯз (шахсе, ки таҷрибаи пешқадами дигаронро меомӯзад), гуногун мешавад. Ҳар як семоҳа ба 2-3 дарс даромада, бо мақсади муайян намудани ҷараёни таълимиву педагогии он мушоҳида ва таҳлил мекунад. Тавсия дода мешавад, ки ҳангоми даромадан ба дарс бо чунин мақсадҳо фаъолият намудан ба мақсад мувофиқ аст: 1. Истифодаи дурусти дидактика ва методикаи таълими фан, яъне алоқамандии назария ба амалия ва тадбиқи он дар дарс. 2. Истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар раванди дарс; 3. Истифодаи вақт, маводи таълимӣ, аёният, маводи тақсимотӣ-таълимӣ, корҳои хаттию амалӣ дар дарс; 4.Ҷалби хонандагон ба фаъолият дар дарсҳои амалии фаннӣ ва ғайра. Ҳамчунин, истифодаи принсипҳо, усулҳо ва равишҳои умумипедагогӣ ва тахассусӣ дар мақсади дарс ба инобат гирифта мешавад. Ташхиси дарси объекти омӯхташаванда вобаста ба самти омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ мушоҳида ва арзёбӣ карда мешавад. Ҳамчунин, варақаи таҳлил ва мушоҳидаи дарс мувофиқи навъи даср-амалӣ, назариявӣ, намунавӣ ва ғайра ба нақша гирифта мешавад. Варақаи таҳлили дарс бояд дорои ҷанбаҳои педагогиву психологӣ, тахассусӣ, риояи дурусти вақт таҳия карда мешавад.

Ҳамчунин, зимни банақшагирии дарс бояд хусусиятҳои зерин ба инобат ва мушоҳида карда шавад: меъёрҳои мақсадгузорӣ мувофиқ ба мавзуъ бошад; интихоби усул ва усулҳои мувофиқ ба дарс; ташкил карда тавонистани фазои ҳамкорӣ дар дарс; истифодаи маводҳои дидактикӣ; истифодаи аёниятҳое, ки худ ё ҳамроҳии шогирдон сохтааст; ҷалб карда тавонистани диққати хонандагон ба дарс; истифода намудани воситаҳои гуногуни арзёбии дониш ва малакаи хонандагон; татбиқ карда тавонистани навовариҳои илмӣ-педагогӣ дар дарс; усули мухталифи бартарафнамоии монеаҳо, камбудиҳо, мушкилот ва ихтилофот ва роҳҳои бартараф намудани онҳо ва ғайра.

6. Ҷузъиёти асосии дарс ва тақсими сарфаи вақт________________

________________________________________________________________

(зикр кард чӣ қадар ҷузъиёти дарс асоснок ба нақша гирифта шуд)

________________________________________________________________

(сарфи вақт чи қадар ва барои чӣ; чӣ қадар ва барои чӣ бефоида сарф гардид)

7. Пурсиши хонандагон______________________________________

________________________________________________________________

(кадом саволҳо дар нақша буд, киро бояд пурсид)

________________________________________________________________

(кӣ пурсида шуд ва кадом баҳо гузошта шуд, тарзи назорат чихел истифода гардид)

________________________________________________________________

(ба кадом саволҳо хонандагон ҷавоб надоданд)

________________________________________________________________

(фаъолиятнокии хонандагони синф зимни пурсиш ва ғайра)

8. Васоити асосии таълим

а) зикри сарчашмае, ки аз он мавод гирифта шуд

________________________________________________________________

________________________________________________________________

а) китоби дарсӣ, аёният, тавсифи методӣ ва ғайра;
б) аёниятҳо: дидактикӣ, маводи тақсимотӣ;

________________________________________________________________

в) воситаи техникии таълим, технологияи иттилоотӣ, видио, аудио

________________________________________________________________

(зикри амсила ва моделҳои худтайёркарда ва ғайра)

9. Омӯзиши мавзуи нав:

а) саволҳои асосӣ____________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

б) усули таълимии банақшагирифта________________________________

________________________________________________________________

в) истифодаи усули таълим________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

10. Зикр кард, ки моҳияти иҷроиш дар чӣ ифода ёфтааст

а) иртиботи дохилӣ ва байнифаннӣ ________________________________

________________________________________________________________

б) алоқаи таълим бо меҳнати маҳсулнок __________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

в) алоқаи таълим ва тарбия_____________________________________

11. Маълумот дар бораи ташаккули ҷаҳонбинӣ ________________

саволҳои асосии мавод: касб, ихтисос, шавқпайдокунии хонандагон ба мавод

огоҳии омӯзгор ба дараҷаи тамоюли касбии хонандагони синф: вақти сарфшуда дар байни мавзуи нав ва ғайра

13. Мустаҳкамкунии мавзуи нав ________________

(ба хонандагон кадом саволҳо дода шуд)

(тарзҳои мустаҳкамкунии мавзуъ; кадом мавзуъро хонандагон нокифоя азхуд карданд ва ғайра)

14. Супориши хонагӣ ________________

(чи қадар асоснок аст ҳаҷми муайян)

мураккаб ва меҳнатталабии супориш (оё ҳамаи хонандагон фаҳмиданд, чӣ гуна супоришро иҷро кард ва ғайра)

15. Худбаҳодиҳии самаранок гузаронидани дарс аз ҷониби омӯзгор:

а) фоиданок ба нақшагирӣ ва меъёри меҳнат________________

б) аз ҷониби омӯзгор ҳангоми тайёрӣ ба дарс чӣ дар назар гирифта нашуд________________

в) сатҳи азхудкунии хонандагон мавзуи навро________________

г) барои баланд бардоштани сифати таълим ва тарбия чӣ заруратро иқдом кард

Ба таҷрибаи пешқадами педагогӣ метавон тааллуқ дошта бошад

(истифодаи аёниятҳои ҳақиқӣ, маводи тақсимоти дидактикӣ;)

(оқилона истифодабарии тарзи политехникӣ; истифодаи тарзҳои ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон)

(истифодаи маводҳои кишваршиносӣ ва амсоли он)

16. Баҳои умумии самаранок гузаронидани дарс аз ҷониби санҷишгар ________________

______________________________________________________________________

(мухтасар қайд кард: оқилона ба нақшагирии меҳнат, илмият ва фаҳмондани баёни мавзуъ аз тарафи омӯзгор; татбиқи бо муваффақияти иртиботи таълим бо тарбия)

17. Дар кадом сатҳ дарс доир гардид нишон додан ________________

______________________________________________________________________

(дарс дар сатҳи баланд, миёна ва паст гузаронида шуд)

______________________________________________________________________

18. Муаллим бо таҳлили дарс шинос шуд __________________________

(имзо, таърихи рӯз)

19. Ба дарс иштирок кард____________________________________________

______________________________________________________________________

(ному насаб, вазифа, ҷойи кор, имзо)

Таърихи иштирок ба дарс «____» «______» соли 2024

**Намунаи тасдиқи воҳидҳои сохтории иттиҳодияҳои методӣ дар муассисаи таълимӣ**

“Тасдиқ мекунам”
Директори МТМУ №26-и
н.Муъминобод __________Холиқов С.
“________” _________________ 2024

Воҳиди сохтории иттиҳодияҳои методии омӯзгорони фаннӣ дар Муассисаи таҳсилоти умумии асосии №26-и ноҳияи Муъминобод

Иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ:
1. ННН – Омӯзгори синфҳои ибтидоӣ[12];

Иттиҳодияи методии омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик
1. ННН – Омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик;

Иттиҳодияи методии омӯзгорони фанни таърих ва ҳуқуқ:
1. ННН – Омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқ;

Иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳо
1. ННН – роҳбари синфи 5

Муовини дирекор оид
ба корҳои таълимӣ / / Раҷабов Нусратулло

[12].Ба ин тартиб ному насаби ҳамаи омӯзгорони иттиҳодияҳои методӣ, роҳбарони синфҳо, роҳбарони маҳфилҳои фаннӣ навишта мешаванд.

**Намунаи фармоиши директори муассиса оид ба таъин намудан ба вазифаи роҳбари иттиҳодияи методӣ**[13]

ФАРМОИШИ
ДИРЕКТОРИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ УМУМИИ АСОСИИ №26 -И НОҲИЯИ МУЪМИНОБОД

аз "_____"_______2024 №____ ш.Кӯлоб

Оид ба таъин намудани роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ, роҳбарони синфҳо, роҳбарони кабинетҳои фаннӣ, роҳбарони маҳфилҳои фаннӣ

Мутобиқи банди 5.12-и Оинномаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №26-и ноҳияи Муъминобод (аз тарафи мудири шуъбаи маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Муъминобод, аз 12.08.2024 тасдиқ шудааст),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1.Омӯзгорони дар зер номбаршудаи муассисаи таҳсилоти умумии асосии №26-и ноҳияи Муъминобод дар соли таҳсили 2024-2025 роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ, роҳбарони синфҳо, роҳбарони кабинетҳои фаннӣ ва роҳбарони маҳфилҳои фаннии муассиса таъин карда шаванд:

| № | Ному насаби омӯзгорон | Собиқаи корӣ | Номи иттиҳодияи методӣ |
|---|---|---|---|
| 1. | Қурбонов Абдусамад | 40 | Забон ва адабиёти тоҷик |
| 2. | Насимов Комронҷон | 10 | Таърих ва ҳуқуқ |
| 3. | Раҷабова Сурайё | 15 | Роҳбарони синфҳо |
| 4. | Холзода Суҳайло | 10 | Математика |

[13].Мувофиқи ин тартиб тамоми роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ, роҳбарони синфҳо, роҳбарони маҳфилҳо, роҳбарони кабинетҳои фаннӣ ба вазифа таъин карда мешаванд, ки инҷо дар шакли пурра овардани онро зарур надонистем.

2.Роҳбарони иттиҳодияи методӣ вазифадор карда шаванд, ки раванди фаъолияти иттиҳодияҳоро тибқи Низомномаи фаъолияти иттиҳодияи методӣ ба роҳ монда, ҷиҳати ҷоннок намудани корҳои методӣ дар муассиса чораҷӯӣ намуда, ба муовини директор оид ба корҳои таълим дар мухлатҳои муайяншуда ахборот манзур намоянд;

3.Муовини директор оид ба корҳои таълим вазифадор карда шавад, ки ҷиҳати самаранок ба роҳ мондани фаъолияти иттиҳодияҳои методӣ, кабинетҳои фаннӣ, роҳбари синфӣ, роҳбари маҳфил шароити мусоиди корӣ ташкил намояд;

4.Муҳосиби муассиса (Саидов А.) вазифадор карда шавад, ки тибқи талаботи тартиби пардохти музди меҳнати кормандони соҳаи маориф, аз 29.09.2025 маоши роҳбарони иттиҳодияи методиро ҳисобӣ ва пардохт намояд.

5.Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини директор оид ба корҳои таълимӣ (Сафарзода М.) гузошта шавад.

Асос: пешниҳоди раиси шурои методии муассиса (Раҷабов Нусратуло), қарори шурои педагогии муассиса аз 26.08.2024, №1 ва раводиди ман.

Директор Холиқов Сайфулло

**Намунаи ҷадвали тақсимоти вазифаҳои хизматии аъзоёни иттиҳодияи методӣ**

| № | Вазифаҳо | Котиб | Кори беруназ с | Корҳои тарбиявӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Оро ва ҷиҳозонидани кабинети фаннӣ | | | + |
| 2. | Навиштан ва ба танзим даровардани қарорҳои ҷаласаи иттиҳодияи методӣ | + | | |
| 3. | Ташкили дафтари давомоти омӯзгорон | + | | |
| 4. | Нигоҳ доштани маърӯзаҳои ҷаласаҳои иттиҳодияи методӣ | + | | |
| 5. | Ташкили дафтари таҳлили дарсҳо | | | + |
| 6. | Ташкили ҷузвдон барои озмунҳо ва озмунҳои муассисаи таълимӣ | + | | |
| 7. | Ҷамъ намудани корҳои эҷодии аъзоёни иттиҳодияи методӣ | | + | |
| 8. | Назорати гузаронидани ҷаласаҳои иттиҳодияи методӣ | + | | |
| 9. | Ташкил ва гузаронидани корҳои беруназсинфӣ ва корҳои тарбиявӣ | | + | + |
| 10. | Гузаронидани виктарина, шабҳои саволу ҷавоб | + | | + |
| 11. | Ташкил ва гузаронидани конфронсу мизҳои мудаввар ва вохӯриҳо | | | |
| 12. | Гузаронидани ҳафтаҳои фаннӣ аз ҳама фанҳои таълимӣ | | + | |
| 13. | Мустаҳкам намудани робита бо ташкилотҳои муассиса | | + | + |
| 14. | Ҳамкорӣ бо Кумитаи падару модарон | + | | |
| 15. | Вохӯрӣ бо олимон, шахсони намоёни кишвар | | + | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 16. | Роҳбарӣ ба ҳайати иттиҳодияи методӣ | | | + |
| 17. | Вобаста намудани мутахассисони ҷавон бо мутахассисони пуртаҷриба | | + | |
| 18. | Баровардани рӯзномаи деворӣ аз тарафи аъзоёни иттиҳодияи методӣ | | | |

## Намунаи ҳисоботи роҳбари иттиҳодияи методӣ[14]

Ҳисоботи роҳбари иттиҳодияи методии омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик барои 3 моҳаи аввали соли таҳсили 2024-2025

Иттиҳодияи методии омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар се моҳи аввали соли таҳсили 2024-2025 фаъолияти худро аз рӯйи оиннома ва низомномаи муассиса, низомномаи иттиҳодияи методӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи маориф ба роҳ монда, як қатор корҳоро ба анҷом расонидааст.

Нақшаи солонаи кори иттиҳодия дар шурои педагогии муассиса аз 28.08.2024, №1 тасдиқ гардида, фаъолияти кори иттиҳодия аз болои он ба роҳ монда шудааст.

Нақшаҳои тақвимии солонаи омӯзгорони иттиҳодияи методии фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар ҷаласаи иттиҳодияи методӣ аз 26.08.2024, №1 тасдиқ ва ба шурои педагогии муассиса пешниҳод карда шуд. Шурои педагогии муассиса нақшаҳои тақвимии солонаи омӯзгоронро аз 28.08.2024, №1 тасдиқ ва барои истифода тавсия намуд.

Дар иттиҳодияи методӣ 3 нафар омӯзгори дорои таҷрибаи зиёди омӯзгорӣ ва 2 нафар омӯзгори ҷавон кору фаъолият менамоянд. Омӯзгорони ҷавон ба омӯзгорони таҷрибадор вобаста гардида, нозукиҳои дарс ва усулҳои фаъолро пайваста аз онҳо меомӯзанд. Иштирок ба дарсҳои ҳамдигар дар иттиҳодия хуб буда, дафтари махсуси қайдҳои иштирок ба дарси ҳамдигар мавҷуд аст, ки дар он равиши дарс қайд карда мешавад.

Дар давоми 3 моҳи таҳсил аз тарафи омӯзгорони иттиҳодия, ки дар маҷмуъ 5 нафарро ташкил медиҳад, 3 дарси намунавӣ ташкил ва гузаронида шуд. Омӯзгорони шомили иттиҳодия дар ҷамъомадҳои иттиҳодия ва чорабиниҳои умумимуассисавӣ

[14].Ҳисоботи мазкур дар доираи 3 моҳи фаъолияти кори иттиҳодияи методӣ навишта шудааст. Ҳисоботҳои дигар (шашмоҳа, нуҳмоҳа ва солона) дар ҳамин шакл вобаста ба корҳои анҷомдодашуда навишта мешавад.

фаъолияти назаррас дошта, чорабиниҳои марбут ба иттиҳодияро сари вақт ва бо сифати баланд иҷро мекунанд.

Аз тарафи омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик Сафаров Худоёрҷон санаи 15.09.2025 викторинаи фаннӣ дар гурӯҳи синфҳои 5-7 гузаронида шуд, ки аз тарафи роҳбарияти муассиса сазовори баҳои баланд гардид.

Ҷиҳати баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон аз тарафи роҳбари иттиҳодия тадбирҳои махсус андешида шуда, омӯзгорон сари вақт ба курсҳои такмили ихтисос ва семинарҳои мақсаднок фиристода мешаванд.

Дар иттиҳодияи методии омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик китобҳои илмӣ, методӣ ва стандарту барномаҳои таълимӣ мавҷуд аст, ки омӯзгорон аз онҳо пайваста истифода мебаранд.

Роҳбари иттиҳодияи методӣ Қурбонов Абдусамад

## II.ИТТИҲОДИЯИ МЕТОДИИ РОҲБАРОНИ СИНФ

### Намунаи муқоваи нақшаи кори солонаи иттиҳодияи методии роҳбарони синф

**МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ №24 БА НОМИ АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСИИ ШАҲРИ КӮЛОБ**

Бо қарори шурои педагогии
МТМУ №24 аз «____» ______2024с,
№______ тасдиқ гардидааст.

# ИТТИҲОДИЯИ МЕТОДИИ РОҲБАРОНИ СИНФ

дар соли таҳсили 2024-2025

*Нақшаи кори солона дар ҷамъомади иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳо мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифта, бо протоколи №_____, аз «_____» _____ 2024 қобили қабул дониста шуд.*

Роҳбари иттиҳодияи методӣ: / / Бозоров Раҳматулло

Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.07.2013, № 18/29 тасдиқ шудааст

# НИЗОМНОМАИ ИТТИҲОДИЯИ МЕТОДИИ РОҲБАРОНИ СИНФ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Низомномаи иттиҳодияи методии роҳбарони синф (минбаъд-иттиҳодияи методӣ) бо мақсади муттаҳид ва ҳамоҳанг намудани фаъолияти роҳбарони синф, ки вазифаи муҳимми тарбия ва таълимию методиро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ иҷро менамоянд, таҳия гардида, фаъолияти бонизом ва самараноки онҳоро дар раванди таълим таъмин менамояд.

1.2. Иттиҳодияи методии роҳбарони синф-воҳиди сохтории муассисаи таълимӣ ба ҳисоб рафта, корҳои таълимию методӣ ва ташкилию тарбиявии роҳбарони синфро, ки хонандагони синну соли муайянро таълим дода, онҳоро дар рӯҳияи сифатҳои баланди ахлоқӣ, инсондӯстӣ, ватанпарварӣ ташаббускорӣ ва амсоли инҳо тарбия менамоянд, ба низом медарорад.

1.3. Роҳбарии иттиҳодияи методӣ бо пешниҳоди шурои методӣ ба зиммаи яке аз омӯзгорони ботаҷриба ва эҷодкор гузошта шуда, бо қарори шурои педагогӣ тасдиқ ва бо фармоиши директор ба расмият даровварда мешавад.

1.4. Фаъолияти иттиҳодияи методӣ дар асоси Оинномаи муассиса, Низомномаи шурои методии муассисаи таълимӣ ва Низомномаи мазкур амалӣ карда мешавад.

Иттиҳодияи методӣ мақоми машваратию тавсиядиҳанда буда, ҷамъомадҳои он дар ду моҳ як маротиба доир мегардад ва он таҳти роҳбарии бевоситаи муовини директор оид ба корҳои тарбия фаъолият менамояд.

## 2. ВАЗИФА ВА ҲАДАФҲОИ АСОСИИ ИТТИҲОДИЯИ МЕТОДИИ РОҲБАРОНИ СИНФ

2.1. Баланд бардоштани сатҳи тайёрии назариявӣ ва илмию методии роҳбарони синф оид ба масъалаҳои тарбия.

2.2. Таъмини талаботи ягона оид ба масъалаҳои тарбия.

2.3. Мусаллаҳ намудани роҳбарони синф бо донишҳои муосири истифодаи технологияи навин ва усулҳои фаъоли тарбия.

2.4.Омӯзиш, ҷамъбаст ва истифодаи таҷрибаи пешқадами педагогии роҳбари синф.

2.5. Мусоидат ба рушди корҳои тарбиявии роҳбари синф.

2.6. Банақшагирӣ ва таҳлили коллективонаи фаъолияти хонандагони синф.

2.7. Ҳамоҳангсозии фаъолияти тарбиявии коллективи хонандагони синф ва ба роҳ мондани ҳамкории онҳо дар раванди таълим.

2.8. Мунтазам таҳия ва таҳлил намудани принсипҳои тарбиявии хонандагон.

2.9. Ташкил намудани омӯзиш, азхудкунии шакл ва усулҳои муосири корҳои тарбия.

2.10. Расонидани кумаки методӣ ба роҳбарони синф дар мукаммалгардонии шакл ва методҳои корҳои тарбия.

2.11. Баҳогузории фаъолияти аъзои иттиҳодияи методӣ ва ҷиҳати ҳавасмандгардонӣ ба маъмурияти муассисаи таълимӣ пешниҳод намудани роҳбарони синфи беҳтарин.

2.12. Ҳаллу фасли коллективонаи мушкилоти ба миёномада дар самти таълиму тарбия ва кор бо волидайн.

2.13. Муайян намудани принсипҳои тарбия ва меъёрҳои одоби хонандагон.

**3.** Ҳуҷҷатнигории итгиҳодияи методии роҳбарони синф

3.1.Рӯйхати аъзои иттиҳодияи методӣ.

3.2. Нақшаи солонаи кори иттиҳодияи методӣ, протоколи ҷаласаи иттиҳодияи методӣ.

3.3. Маводи таҳлилӣ аз рӯйи чорабиниҳои гузаронидашуда ва натиҷаи назорати маъмурият.

3.4. Ҳуҷҷатҳои дастурию методӣ, ки фаъолияти роҳбарони синфро ба низом медарорад.

## 4. САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ ИТТИҲОДИЯИ МЕТОДИИ РОҲБАРОНИ СИНФ

4.1. Таҳлили фаъолияти иттиҳодияи методӣ дар соли таҳсили гузашта.

4.2. Вазифаҳои педагогии иттиҳодияи методӣ дар соли таҳсили равон.

4.3. Нақшаи кории солонаи иттиҳодияи методӣ.

4.4. Баланд бардоштанир маҳорати касбии роҳбарони синф (мавзуъҳои худомӯзӣ, иштирок дар курсҳои такмили ихтисос, бароmаду маърӯзаҳо ва ғ).

4.5.Омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами педагогии роҳбарони синф.

4.6.Иштирок ва назорати роҳбарони синф дар раванди корҳои тарбия.

## 5. ВАЗИФАҲОИ ҲИЗМАТИИ РОҲБАРИ ИТТИҲОДИЯИ МЕТОДИИ РОҲБАРОНИ СИНФ

5.1. Роҳбари иттиҳодияи методӣ масъул аст ба:

- банақшагирӣ, омодагӣ, гузаронидани ҷаласа ва таҳлили фаъолияти иттиҳодияи методӣ;

-ҷамъоварӣ ва таъмини иттиҳодияи методӣ бо дастурҳои зарурии таълимию методии дахлдор;

5.2. Дар якҷоягӣ бо муовини директор оид ба корҳои тарбия масъул аст ба:

-банақшагирӣ ва ташкили раванди корҳои тарбия;

-иҷрои вазифаҳои хизматӣ аз ҷониби роҳбарони синф;

-баланд бардоштани сатҳи таълимию методии корҳои тарбия;

-такмил додани омодагии психологӣ-педагогии роҳбарони синф;

-ташкили ҳамкории байни роҳбарони синф ва ҳамкории онҳо бо дигар воҳидҳои сохтории муассисаи таълимӣ;

-ташкил ва гузаронидани чорабинӣ, семинар, конференсияҳо ва дигар шаклҳои мухталифи ҷаласаи иттиҳодияи методӣ;

-омӯзиш, ҷамъбаст ва дар амал татбиқ намудани таҷрибаи пешқадами роҳбарони синф;

-ҳамоҳангсозии банақшагирӣ, ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои синфӣ ва таҳлилу баррасии он;

-мусоидат ба ташкил ва тақвияти корҳои тарбия дар муассисаи таълимӣ.

**Маълумоти роҳбарони синфҳо – аъзоёни иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳо**

| № | Ному насаби роҳбарони синфҳо | Соли таваллуд | Маълумот | Собиқаи корӣ | Ихтисос | Тахассус | Курси такмили ихтисос | | Дар кадом синф роҳбар аст | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | Соли гузаштан | Навбатӣ | | |
| 1. | Умаров Саидшо | 1998 | олӣ | 5 | Забон ва адабиёт | 2 | 2023 | 2026 | | |
| 2. | Насимов Комронҷон | 1990 | олӣ | 10 | Забон ва адабиёт | олӣ | 2022 | 2025 | | |
| 3. | Раҷабова Сурайё | | | | | | | | | |
| 4. | Каримова Муниса | | | | | | | | | |
| 5. | Турсунова Раҷабӣ | | | | | | | | | |
| 6. | Абдуллоев Нусратулло | | | | | | | | | |
| 7. | Таваров Муҳаммад | | | | | | | | | |

Роҳбари иттиҳодияи методии
роҳбарони синф Бозоров Раҳматулло

Рӯйхати роҳбарони синфҳои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №24 ба номи Абулқосим Фирдавсии шаҳри Кӯлоб барои соли хониши 2024-2025

| № | Ному насаб | Синф | Шумораи хонандагон |
|---|---|---|---|
| 1. | Аламов Манучеҳр | 8 | 20 |
| 2. | Мусофирова Марҳабо | 10 | 26 |
| 3. | Назаров Манучеҳр | 9 | 27 |
| 4. | Раҳмонзода Усмон | 5 | 30 |
| 5. | Садирова Зарина | 7 | 25 |
| 6. | Умарова Зарафшон | 11 | 18 |
| 7. | Ҳусайнова Мунира | 6 | 24 |
| 8. | Эмомова Гуландом | 6 | 20 |

Роҳбари иттиҳодияи методии
роҳбарони синфҳо Бозоров Раҳматулло

Рӯйхати роҳбарони синфҳое, ки бо “Низомномаи иттиҳодияи методии роҳбарони синф” шинос шудаанд.

| № | Ному насаб | Имзо |
|---|---|---|
| 1. | Аламов Манучеҳр | |
| 2. | Мусофирова Марҳабо | |
| 3. | Назаров Манучеҳр | |
| 4. | Раҳмонзода Усмон | |
| 5. | Садирова Зарина | |
| 6. | Умарова Зарафшон | |
| 7. | Ҳусайнова Мунира | |
| 8. | Эмомова Гуландом | |

Роҳбари иттиҳодияи методии
роҳбарони синфҳо Бозоров Раҳматулло

Нақшаи кори солонаи иттиҳодияи методии роҳбарони синф дар соли таҳсили 2024-2025

| | Номгӯи чорабиниҳо | Сана | Масъул | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| | Август-Сентябр | | | |
| №1 | **Маҷлиси иттиҳодияи методии роҳбарони синф №1. "Ташкили кори таълим дар соли таҳсили 2024-2025".**<br>- таҳлилу ҷамъбасти фаъолияти иттиҳодияи методии роҳбарони синф дар соли хониши 2023-2024 ва муайян намудани вазифаҳо барои соли хониши 2024-2025;<br>-баррасӣ, муҳокима ва қабули нақшаи солонаи иттиҳодияи методӣ;<br>-баррасӣ намудани нақшаи дарсҳои намунавиии тарбиявӣ;<br>- машварат оид ба пешбурди ҳуҷҷатҳои таълимӣ. | 28.08.2024 | Роҳбари иттиҳодияи методии роҳбарони синф | |
| | Октябр | | | |
| | 1. Ҷамъоварии маълумот оид ба мониторинги кори тарбиявӣ;<br>2. Таҳияи бонки маълумот оид ба роҳбарони синф;<br>3. Тайёр намудани маводи электронӣ ва чопии дорои хусусияти методӣ. | | Роҳбари иттиҳодияи методии роҳбарони синф | |
| | Ноябр | | | |
| №2 | **Маҷлиси иттиҳодияи методии роҳбарони синф №2. «Пешгирии ҷинояткорӣ дар байни хонандагон».**<br>-кори роҳбарони синф оид ба пешгирии садамаҳои нақлиётии кӯдакона ҷароҳатҳо;<br>- пешгирии одатҳои бади хонандагон;<br>- технологияҳои наҷотбахши саломатӣ дар раванди таълим;<br>- масъалаҳои ҷорӣ... | 27.11.2024 | Роҳбари иттиҳодияи методии роҳбарони синф | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Декабр | | | | |
| | 1. Назорати муваққатии фаъолияти роҳбарони синф.<br>2. Муҳокима ва пешниҳодҳо оид ба такмили низоми кори таълиму тарбия дар муассиса.<br>3. Баррасии корҳои методӣ оид ба рафти чорабиниҳои беруназсинфӣ «Суҳбатҳо дар самтҳои тарбия». | | Роҳбари иттиҳодияи методии роҳбарони синф | |
| Январ | | | | |
| №3 | **Маҷлиси иттиҳодияи методии роҳбарони синф №3. «Технологияи таълим. Фаъолияти лоиҳавӣ дар «кори роҳбари синф».**<br>- њисобот оид ба корҳои тарбиявӣ дар нимсолаи аввали соли таҳсили 2024-2025».<br>- технологияҳои таълимӣ (шарҳи мухтасар)<br>- масъалаҳои ҷорӣ ... | 28.01.2025 | Роҳбари иттиҳодияи методии роҳбарони синф | |
| Феврал | | | | |
| | 1. Назорати ташкил ва вазъи кор бо падару модарон.<br>2. Санҷиши корҳои беруназсинфии хонандагон | | Роҳбари иттиҳодияи методии роҳбарони синф | |
| Март | | | | |
| №4 | **Маҷлиси иттиҳодияи методии роҳбарони синф №4. «Таъсири оила,** муассиса **ва ҷомеа дар ташаккули сифатҳои ахлоқии хонандагон».**<br>«Ташаккули маданияти ахлоқии хонандагон».<br>- таҳлили фаъолияти роҳбарони синф дар соли таҳсили 2024-2025.<br>- натиҷаи кори гурӯҳҳои синфӣ дар соли таҳсили 2024-2025. | 30.03.2025 | Роҳбари иттиҳодияи методии роҳбарони синф | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | - фаъолияти худидоракунӣ ҳамчун шарти муҳими инкишофи синф<br>- масъалаҳои ҷорӣ ... | | | |
| Апрел | | | | |
| | 1. Назорати рафти машғулиятҳои тарбиявӣ дар синфҳои 5-7<br>2. Тафтиши вазъияти кори таълиму тарбия дар синфҳои 8-11 | | Роҳбари иттиҳодияи методии роҳбарони синф | |
| Май-Июн | | | | |
| **№5** | **Маҷлиси иттиҳодияи методии роҳбарони синф №5. «Таҳлили кори тарбиявии муассиса барои соли таҳсил ва вазифаҳои кори тарбиявӣ барои соли оянда».**<br>- таҳлили кори роҳбари иттиҳодияи методии роҳбарони синф. Таҳлили фаъолияти роҳбарони синф.<br>- ҳисоботи роҳбарони синф.<br>- ҳисоботи роҳбари иттиҳодияи методии роҳбарони синф дар соли таҳсили 2024-2025.<br>- мониторинги натиҷаҳои фаъолияти касбии омӯзгорон.<br>- Масъалаҳои ҷорӣ ... | 29.05.2025 | Роҳбари иттиҳодияи методии роҳбарони синф | |

**Намунаи протоколи ҷаласаи иттиҳодияи методии роҳбарони синф**

**Протоколи №1**
**ҷаласаи иттиҳодияи методии роҳбарони синф**

**«____» ______ 2024 сол**

Иштирок намуданд:
Муовини директор оид ба корҳои тарбиявӣ; роҳбарони синфҳои 1-11

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1.Таҳлилу ҷамъбасти фаъолияти иттиҳодияи методии роҳбарони синф дар соли хониши 2023-2024 ва муайян намудани вазифаҳо барои соли хониши 2024-2025.

2.Баррасӣ, муҳокима ва қабули нақшаи солонаи иттиҳодияи методӣ.

3. Машварат оид ба пешбурди ҳуҷҷатҳои таълимӣ.

4.Масъалаҳои ҷорӣ ...

Аз рӯи масъалаи аввали рӯзномаи ҷаласа роҳбари иттиҳодияи методӣ Бозоров Раҳматулло баромад намуда, фаъолияти кори иттиҳодияи методии роҳбарони синфро дар соли таҳсили 2023-2024 қаноатбахш арзёбӣ намуда, қайд намуд, ки дар соли сипаришуда аз тарафи роҳбарони синфҳо 10 дарсӣ тарбиявӣ бо иштироки директори муассиса ва омӯзгорони муассиса гузаронида шуд. Роҳбарони синф дар тайёр намудани хонандагон ба озмунҳо ва дигар чорабиниҳои муассисавӣ саҳми назаррас гузошта истодаанд.

Дар иттиҳодияи методии роҳбарони синф 10 нафар омӯзгор аъзо буда, собиқаи кории онҳо аз 3 сол зиёд мебошад. Дар моҳи апрели соли гузашта, роҳбари синфи 5ᵃ Сафаров Худоёрҷон дар озмуни дохилимуассисавии “Ҳамқадами маорифи муосир” аз рӯи номинатсияи “Беҳтарин роҳбари синф” сазовори ҷои аввал

гардида, бо ифтихорномаи роҳбари муассиса сарфароз гардонида шуд. Сипас, аъзоёни иттиҳодияи методӣ фикру мулоҳизаҳои худро оид ба фаъолияти кори иттиҳодияи методии роҳбарони синф баён намуда, масъалаҳои барои соли таҳсили 2024-2025 ба нақша гирифташударо баррасӣ намудаанд.

**Оид ба масъалаи якум ҷаласаи иттиҳодияи методии роҳбарони синф тавсия медиҳад:**

1. Ҳисоботи роҳбари иттиҳодияи методии роҳбарони синф (Бозоров Раҳматулло) маъқул шуморида шавад;
2. Вазифаҳо барои соли таҳсили 2024-2025 ҷиддан омӯхта шавад;
3. Назорати иҷрои қарори макурро ба зиммаи худ мегирам.

Аз рӯи масъалаи дуюм роҳбари иттиҳодияи методӣ Бозоров Раҳматулло баромад намуда, қайд намуд, ки нақшаи солонаи иттиҳодияи методии роҳбарони синф фаъолияти солонаи иттиҳодияро фаро гирифта, дар тамоми фаъолияти омӯзгорон ба инобат гирифта шудааст. Пас аз баррасии нақшаи солонаи кори иттиҳодияи методӣ ҷаласаи иттиҳодияи методӣ нақшаи кори солонаро барои баррасӣ ба муҳокима ба аъзоёни иттиҳодия гузошта шуд.

**Оид ба масъалаи дуюм ҷаласаи иттиҳодияи методии роҳбарони синф тавсия медиҳад:**

1. Ҳисоботи роҳбари иттиҳодияи методии роҳбарони синф (Бозоров Раҳматулло) маъқул шуморида шавад;
2. Нақшаи кори солонаи иттиҳодияи методии роҳбарони синф барои тасдиқ ба шурои методӣ пешниҳод карда шавад;
3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи котиби ҷаласа гузошта шавад.

Аз рӯи масъалаи сеюм котиби ҷаласа Сафаров Худоёрҷон баромад намуда, қайд намуд, ки ҳуҷҷатҳои самти роҳбари синфӣ тибқи дастурамалҳо ба роҳ монда шуда, сифати ҳуҷҷатҳо ба инобат гирифта шаванд. Дафтари роҳбари синфӣ ба таври зарурӣ

хонапурӣ карда шуда, маълумотномаи хонандагон тибқи талабот пур карда шаванд. Ба масъалаи пур кардани саҳифае, ки мизоҷи хонандагон қайд карда мешаванд, бо равоншиноси муассиса машварат намоед. Омӯзиши санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа барои пешрафти кори соҳа, тартиби дурусти фаъолият, вазифаҳо ва уҳдадориҳои роҳбари синфҳо муҳим мебошад. Ба таври ҷиддӣ омӯхтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак" ба манфиати кор буда, дар иҷрои уҳдадориҳо муҳим арзёбӣ мегардад.

**Оид ба масъалаи сеюм ҷаласаи иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳо тавсия медиҳад:**

1. Баромади котиби ҷаласаи иттиҳодияи методӣ Сафаров Худоёрҷон маъқул шуморида шавад;
2. Омӯзиши санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳа мунтазам ба роҳ монда шавад;
3. Назорати иҷрои қарори мазкурро ба зиммаи худ мегирам.

Дар масъалаҳои чорӣ оид ба интизомӣ меҳнат, сифати машғулиятҳои тарбиявӣ ва корҳои беруназсинфӣ, дарсҳои намунавии тарбиявӣ маслиҳат дода шуд.

Раиси ҷаласа / /                Бозоров Раҳматулло

Котиб: / /                Сафаров Худоёрҷон

**Намунаи мавзуъҳо барои соатҳои тарбиявӣ**

1. Истиқлолият – неъмати бебаҳо;
2. Тоҷикистон хонаи умеди мост;
3. Устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ – асосгузори назми форсӣ;
4. Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ – адиби оламшумул;
5. Забони тоҷикӣ дар арсаи ҷаҳонӣ;
6. Дониш талабу бузургӣ омӯз;
7. Некӣ бимонад ҷовидон;
8. Ҷабри устод беҳ аз меҳри падар;
9. Конститутсия- санади олии ҳуқуқӣ;
10. Китоб - манбаи дониш;
11. Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ ва муҳиммияти он барои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
12. Иди Меҳргон аст, меҳрубонӣ кун;
13. Меҳнат ифтихор ва шараф барои ҷавонон аст;
14. Масъулиятшиносӣ – омили камолоти шахсият;
15. Одоби сухангӯӣ;
16. Тавонгарӣ ба илм аст, на ба мол;
17. Касби дӯстдоштаи ман;
18. Сада – ёдгоре аз ниёгони мо;
19. Арзишҳои миллӣ ва муҳиммияти онҳо;
20. Тиргон – ҷашне ёдгор аз гузаштагон;
21. Оби тоза – манбаи ҳаёти башар;
22. Нашъамандӣ ва хатари он барои ҷавонон;
23. Ҳифзи муҳити зист вазифаи мост;
24. Фарзандони бонангу номус ва муҳофизони шуҷои ватан;
25. Танзими расму ойин кафили зиндагии шостаи мардум;
26. Модар – сарчашмаи ҳаёт;
27. Матбуот оинаи рӯзгори мост;
28. Наврӯз – ҷашни қадимаи тоҷикон;
29. Фарҳанги миллӣ ва арзишҳои башарӣ;
30. Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромуш намешавад (9-май Рӯзи ғалаба);
31. Илм омӯз то ба қуллаи мурод расӣ;
32. Кӯдакон ояндаи мо (1-июн Рӯзи кӯдакон);
33. Қадри зар заргар бидонад;
34. Варзиш - солимии ҷомеа;
35. Истифодаи оқилонаи шабакаҳои интернетӣ;
36. Иншо. Барои ободии Ватан кӯшиш мекунем.

## Рӯйхати калимаҳои ихтисоршуда

ВАО – васоити ахбори омма
ННН – ном насаб ва номи падар
ВМИҶТ – Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
МТМУ – муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ
МТУА – муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ
РИМ – роҳбари иттиҳодияи методӣ
ИМ – иттиҳодияи методӣ

## Рўйхати адабиёт


1. Низомномаи иттиҳодияи методии омӯзгорони фаннӣ (Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.10.2013, № 18/28 тасдиқ шудааст).
2. Луғати тафсирии истилоҳоти педагогика.–Душанбе: «Маориф», 1988.
3. Макарова, Т.Н., Макаров, В.А.. Организация деятельности методического объединения в школе. 4.1.–М.:Центр «Педагогический поиск», 2010. - 160 с.
4. Рустамшозода, Ш.Р. Дарёфт, омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ (дастури методӣ).–Душанбе: «Матбаа», 2024. –72 с.
5. Рустамшозода, Ш.Р. Таҷрибаи судмандро бояд омӯхт. – Рӯзномаи “Омӯзгор”, 8 феврали соли 2025. – С.11.
6. Муҳиддинов, Қ., Зиёев, М., Шодиева, З. Роҳнамои методӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2012. – 148 с.
7. Шарифов В. Луғати тафсирии калимаҳои русӣ-интернатсионалӣ. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи советии тоҷик, 1984. – 376 с.
8. Туронов, С., Авғонов, М. Роҳбари синф: самтҳои фаъолият (дастури методӣ). – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2011. – 47 с.
9. Раҷабова, И. Иттиҳодияи методӣ – такмилбахши касбияти омӯзгор / Рӯзномаи “Омӯзгор”, №15 (12499), 10 апрели соли 2025. - С.12.
10. Ҳайдаров, Б. Татбиқи таҷрибаи пешқадам / Рӯзномаи “Омӯзгор”, №11 (12496), 13 марти соли 2025. – С.12.
11. Рустамшозода, Ш. Иттиҳодияи методӣ – заминагузори пешрафти таълим / Рӯзномаи “Омӯзгор”, №17 (12501), 24 апрели соли 2025. – С.13.

# БАРОИ ҚАЙДҲО

БАРОИ ҚАЙДҲО

**Каримзода Ш., Рустамшозода Ш, Умаров С.**
Иттиҳодияи методӣ: самтҳои фаъолият
(дастури методӣ).

**Муқарризон:**
**Азизбек Раҳимдод,**
директори филиали Муассисаи давлатии “Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф” дар ВМКБ

**Ҳайдаров Бурӣ,**
мутахассиси пешбари шуъбаи таҳия, нашр, ташхис ва таъмини корҳои илмӣ-методии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муҳаррири масъул:**
**Қурбонов Абдусамад,**
омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики МТУА №26-и ноҳияи Муъминобод

Ба чопаш 02.05.2025 имзо шуд. Андозаи 60×84 1/8
Қоғази офсетӣ 80 гр. Ҳуруфи Times New Roman Tj.
Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 6,25

---

Муассисаи нашриявии «Ирфон»
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 17
Email: irfon_comrany@mail.ru

Дар КВД «Матбаа» аз чоп бароварда шуд.
Гардиши Ҷанубӣ №52